ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

**ХАЙРИДДИН СУЛТОНОВ, МУРТАЗО ҚАРШИБОЕВ**

# ЭҲСОСИ ВАТАН

ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ СИНФИ 5-УМИ
МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Маркази илмӣ-амалии ғоя ва мафкураи миллӣ
ба нашр тавсия кардааст*

***Нашри панҷуми пуррашуда ва такмилёфта***

ТОШКАНД «MA'NAVIYAT» 2015

УЎК 37.035.6=222.8
КБК 74.200.50я72
С90

Дастури таълимӣ барои синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ пешбинӣ шуда, дар он мафҳумҳои Ватан ва ватанпарварӣ дар асоси китобҳои «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир», «Ўзбекистон дар остонаи ноил шудан ба Истиқлолият»-и Президент Ислом Каримов бой гардонда шуда, дар руҳи талабҳои замонавӣ инъикос шудаанд.

**УЎК 37.035.6=222.8**
**КБК 74.200.50я72**

М у ҳ а р р и р и  м а с ъ у л:
*номзади илмҳои фалсафа,* ***Абдураҳим Эркаев***

Т а р ҷ у м о н:
*номзади илмҳои таърих* ***Абдуллоҳи Тоҳириён***

**Султонов Хайриддин.**
Эҳсоси Ватан: дастури таълимӣ барои синфҳои 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Х. Султонов, М. Қаршибоев; муҳаррири масъул: А. Эркаев. Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон. — Нашри панҷуми пуррашуда ва такмилёфта. —Т.: «Маънавият», 2015. — 112 с.
I. Ҳаммуаллиф.

ISBN 978-9943-04-135-6

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

– калимаҳои асосӣ
– бодиққат хонед
– дониста гиред
– эҷодкорона фикр кунед
– дар хотир доред
– ба саволҳо ҷавоб ёбед

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп карда шуд.**

© Х. Султонов, М. Қаршибоев, 2015
© «Ma'naviyat», 2015

ISBN 978-9943-04-135-6

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзи арҷманд, дар ин рӯзҳо дар мамлакати мо бахшида ба иди Истиқлолият тадбирҳои оммавӣ, сайру тамошоҳо шуда истодаанд. Дар бораи диёри мо, Истиқлолияти он, суханҳои зебо, шеър ва сурудҳо шунида, чӣ қадар неъмати бузург будани истиқлолро ҳамаи мо аз таҳти дил ҳис мекунем. Дар ҳамин лаҳзаҳо, дар қалбҳои мо пайдо шудани саволҳои ба монанди «Барои фарзанди муносиб шудан ба чунин Ватани озоду обод соҳиби кадом фазилатҳо шудан лозим?», «Эҳсоси Ватан, муҳаббат ба Ватан дар кадом корҳо намоён мешаванд? албатта, ҳолати табиӣ мебошад. Фикр мекунем, ки дар ёфтани ҷавоби ин саволҳо китоби «Эҳсоси Ватан» ба Шумо ёрдамчӣ ва маслиҳатчӣ мешавад.

**Дар роҳи солим ва баркамол ба воя расидани инсон эҳсоси Ватан аҳамияти калон дорад.**

Халқи мо, Ватани мо мехоҳад, ки шуморо солим ва баркамол ба воя расонад. Барои ин, дар мамлакати мо, дар шаҳру қишлоқҳои мо мактабҳои замонавӣ, литсейҳои академикӣ ва коллеҷҳои касбиву ҳунарӣ, донишгоҳҳои олӣ, масканҳои тиббӣ, маданӣ, спорт ва санъат, хонаю ҷойҳои нав барпо мешаванд.

**«Тарбияи ҷавонон, насли баркамол гуфта, моояндаи бузурги Ӯзбекистонро дар назар дорем»[1].**

Дар қалб эҳсоси Ватан набошад, одам инсони ҳақиқӣ шуда наметавонад, худро ғариб ва оҷиз ҳис мекунад.

---

[1] **Islom Karimov.** Vatan va xalq mangu qoladi. –Т.: Китобхонаи Миллии ба номи Алишер Навоии Ӯзбекистон, соли 2010, саҳ. 131.







*Ба расмҳо эътибор диҳед! Ҳарду самолёти дар онҳо тасвир шуда ҳам зебо. Аммо самолёте, ки дар ранги байрақи мамлакати мо аст, ҷудо шуда меистад. Он ба назар чун шарора дурахшон аст. Ба фикри Шумо сабаби он чӣ аст?*

Мақсади асосии ин фан, ки имрӯз Шумо ба омӯзиши он сар мекунед, тарбияи ҷавонони фидоӣ ва босадоқат ба халқ, ба диёр мебошад.

Асосгузори фанни «Эҳсоси Ватан» Президенти Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов мебошад. Ин фан дар асоси фармоиши сарвари кишвари мо «Дар бораи офаридани барномаҳои таълимӣ аз рӯйи фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ: мафҳум ва тамоилҳои асосӣ» ва ба системаи таълими республика ҷорӣ намудани он», ки 18-уми январи соли 2001 имзо шудааст, омӯзонида мешавад.

**Ҳамаи донишҳо дар ҳаёт аз Ватан, омӯзиши он сар мешавад. Инсон таваллуд шуда, аввало аз ҳавои Ватан нафас мегирад, аз меҳри модар, ки рамзи Ватан мебошад, аз шири сафеди вай баҳраманд мешавад.**

Эътибор диҳед, аксарияти калима ва ибораҳои таркиби забон як ё баъзан якчанд маъноро медиҳад. Калимаи «Ватан» бошад, маънои тамоми умри моро дар худ муҷассам мекунад. Барои ҳамин, омӯзиши Ватан ҷараёне мебошад, ки ҳеҷ гоҳ тамом намешавад, як умр давом мекунад.

Ба ҳамин маъно, фанни «Эҳсоси Ватан» ҳамаи донишҳоро дар бораи Ватан дарбар гирифта наметавонад. Вазифаи асосии он – дар асоси мисолҳои аз таърих, аз ҳаёти имрӯза гирифташуда, ба қалби Шумо ҷой додани бузургтарин ва муқаддастарин эҳсос дар ҷаҳон — эҳсоси Ватан мебошад.

Ҳаминро фаромӯш накунед, ки дар иҷрои ин вазифа бисёр чиз ба Шумо, ба тобовариии Шумо вобаста аст. Мехостем, ки Шумо ҳар як мавзӯъро бодиққат аз худ карда, бо донишҳои дар мактаб аз дигар фанҳо гирифтаатон мустаҳкам намоед.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо ба кадом фанҳо шавқ доред?
2. Оё байни ин расмҳо ва матне, ки хондед, вобастагӣ ҳаст?


1


2


3


4

3. Дар мактаби Шумо чӣ хел шароитҳо ҳаст? Шумо аз онҳо чӣ хел истифода мебаред?
4. Шумо дар оянда кӣ шуданӣ ҳастед?
5. Барои солим ва баркамол ба воя расидани Шумо аввало кӣ ғамхорӣ мекунад? Ба фикри Шумо барои ин чӣ кор кардан лозим?

# *Боби якум.* ДИЁРАМ – ГАҲВОРАИ ЗАРРИНАМ

## ВАТАН – ЯГОНА ВА МУҚАДДАС

Донишомӯзи азиз! Калимаи Ватанро бисёр мешунавем. Модар-Ватанро аз таҳти дил дӯст медорем. Лекин, барои таърифи пурраи он душворӣ мекашем.

**Ватан — мафҳуми хеле бузург ва муқаддас аст**.

Дар бораи Ватан фикрҳои он шахсонеро, ки диёри моро бо муҳаббати бузург дӯст дошта, ҳаёти худро барои истиқлолият ва ояндаи он бахшидаанд, хонем, бисёр чизҳоро мефаҳмем.

Ба фикрҳои Президенти мо Ислом Каримов дар бораи Ватан, ки бо меҳри бепоён ифода ёфтааст, эътибор диҳед: **«Албатта, ҷаҳон васеъ, дар дунё мамлакат бисёр, лекин Модар-Ватан, Ӯзбекистони дар ин олам бетакрори мо яккаю ягона. Ин диёри зебо, ин замини муқаддас фақат барои мо бахшида шудааст»**[1].

Бобои маорифпарвари мо Абдулло Авлонӣ дар бораи Ватан чунин гуфтааст:

**«Шаҳру мамлакате, ки кас дар он таваллуд шуда ба воя расидааст, Ватани ҳамин шахс номида мешавад. Ҳар кас ҷойи таваллуд ва балоғати худро аз ҷон бештар дӯст медорад. Ҳатто ҳайвонҳо ҳам ҳамин гуна ҳиссу эҳсоси Ватан доранд. Агар ягон ҳайвон аз Ватани худ — диёраш дур афтад, зиндагиаш бефароғат, маишаташ талх шуда, дар як гӯшаи қалбаш муҳаббат ба Ватанаш боқӣ мемонад».**

Аҷдоди мо ин фикрҳоро бо роҳи шеърӣ ҳам ифода кардаанд. Ба ин шеъри шоири барҷаста ва маорифпарвар Сидқии Хондайлиқӣ эътибор диҳед:

---

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –Т.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 90.

Ватан чист? Ватан зодгоҳам, замини буду бошам,
Растам дар он, шоду хандон, то ба он нур бипошам.
Гӯям, туӣ ҷонам — Ватан, танам — Ватан, чашмам — Ватан,
Нест ҷойе, ки чун Ватан бар он пайванди ҷон бошам.[1]

*Донишомӯзи азиз, аз ҳамин се фикр, ибораҳои пурмаънои ба ҳам наздикро ҷудо карда метавонед? Масалан,* ***«дар ин олам диёри бетакрор, Ӯзбекистони мо яккаю ягона»*** *(фикри якум).* ***«Ҳар кас ҷойи таваллуд ва камолёбии худро аз ҷон бештар дӯст медорад»*** *(фикри дуюм).* ***«Ҷонам — Ватан, танам — Ватан, чашмам — Ватан»*** *(фикри сеюм).*

Дар ҳамаи ин ибораҳо ягонагии Ватан, барои он ҷон фидо кардан, гуфта мешавад. Барои ёфтани ибораҳои дигари ба ҳамин монанд ҳаракат кунед.

Маънои калимаи Ватан имрӯз хеле васеъ. Акнун Ватан гуфта фақат макони таваллуд не, аввало мамлакате фаҳмида мешавад, ки дар он истиқомат мекунем ва шаҳрванди он мебошем. Зодгоҳ, оила, маҳалла, қишлоқ ва шаҳр, ки инсон он ҷо таваллуд шуда, ба воя расидааст, Ватани хурд дар дохили Ватан мебошад.

*«Маҳалла» калимаи қадимӣ буда, маъноҳои ҷой, масскани зисти ҷамоваии одамонро мефаҳмонад. Дар таърих маҳаллаҳои ба монанди маҳаллаи ҳунармандон, маҳаллаи кулолон, маҳаллаи нонвойҳо буданд.*

Маҳалла барои дар рӯзҳои неку бад ташвишу муаммоҳоро якҷоя ҳал кардан, ба ҳамдигар бо меҳру оқибат зистан лозим аст.

**Корҳои нек, ки бо иштироки бисёриҳо, ихтиёрӣ, холисона карда мешаванд, ҳашар номида мешавад.**

---

[1] Vatan va millat muqaddasdir. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2000, саҳ. 10.

Имрўзҳо ҳашар боз ривоҷ ёфта, ҳар сол дар арафаи идҳои Наврўз ва Истиқлолият дар маҳаллаҳо, шаҳр ва қишлоқҳо, тамоми мамлакат ҳашарҳои умумихалқӣ гузаронида мешаванд.

Пеш аз Истиқлолият фаъолияти идораи маҳалла маҳдуд шуда буд. Солҳои истиқлол ба маҳалла эътибор пурзўр шуд. Ба он мақоми идораи худидоракунии шаҳрвандон дода шуда, ҳуқуқ ва ваколатҳои он бо қонун мустаҳкам карда шуданд.

**Соли 2003 дар мамлакати мо «Соли маҳаллаи обод» эълон карда шуд.**

*«Қишлоқ» калимаи ўзбекӣ буда, маънои «ҷойи зимистонгузаронӣ»-ро мефаҳмонад.*

Дар қадим аҷдоди мо баробари фаро расидани баҳор ба саҳроҳо баромада мерафтанд. Дар маҳалҳои кўҳсор ва дашт бошад, барои парвариши молу чорво ба қиру адир ва марғзорҳо роҳ пеш мегирифтанд. Бо фаро расидани тирамоҳ пас аз ғунучини ҳосил одамон боз ба қишлоқ (деҳа) бармегаштанд. Зимистонро ба таври ҷамоавӣ дар хонаҳо мегузарониданд. Ин гуна одатҳо имрўзҳо ҳам мавҷуд. Деҳқонон, чўпонҳо бо сар шудани мавсими тобистон ба сари корзор, яъне киштзор, қиру адир баромада мераванд.

**«Мафҳуми Модар-Ватан, ки бузург ва муқаддас аст, барои одамизод гуё аз тимсоли қишлоқ сар мешавад»[1].**

Агар ба таърих назар андозем, мебинем, ки калонтарин шаҳрҳои дунё ҳам аввал қишлоқи хурдакак будааст, бо мурури замон ривоҷ ёфта, ба шаҳри калон, баъзан ҳатто ба давлати пурқудрат табдил ёфтааст. Тақдири шаҳри Рим, ки дар қадим ба империяи бузурги қитъаи Европа асос гузоштааст, ба ин мисол шуда метавонад.

---

[1] **Islom Karimov**. Vatanimizning bosqichma-bosqich va barqaror rivojlanishini ta'minlash – bizning oliy maqsadimiz. Асарҳо, ҷилди 17. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston», соли 2009, саҳ. 61.



Қисми асосии нозу неъматҳое, ки имрӯз халқи мо истеъмол мекунад дар қишлоқ истеҳсол мешавад. Зеботарин манзараҳои табиати Ўзбекистон — кўҳҳои пурвиқор, қиру адирҳои сарсабз, саҳроҳои бепоён, чашмаҳои оби зулол, сойҳо, олами рангоранги ҳайвонотро дар қишлоқҳо дидан мумкин. Хусусан, инсонҳои соддаву дилсафед ва меҳнаткаш, урфу одатҳои миллӣ, инчунин анъанаҳо, ки онҳо дар давоми асрҳо нигоҳ медоранд, ба қишлоқҳои мо файзу таровати хос мебахшанд.

**Соли 2009 дар мамлакати мо «Соли тараққиёт ва фаровонии қишлоқ» эълон карда шуд.**

*Калимаи «шаҳр» маънои ҷойи ободу, мамлакат, кишвар, маконеро, ки аҳолӣ зич истиқомат мекунад, мефаҳмонад.*

Дар таърих дар ҳудуди кишвари мо аввал қалъа-шаҳрҳо пайдо шуда буданд. Бо гузашти вақт онҳо муттаҳид шуда, ба давлатҳои калон табдил ёфтаанд. Шаҳр-давлатҳои иборат ҳамагӣ аз як шаҳр имрӯз ҳам дучор меоянд. Масалан, шаҳр-давлати Ватикан дар Европа ба он мисол шуда метавонад. Лекин аксарияти давлатҳо ҳудудҳо, шаҳрҳо ва қишлоқҳои зиёдеро дар бар мегиранд.



**Бухоро. Арк**



**Хева. Ичанқалъа**

*Калимаи «шаҳр» бо калимаҳои ӯзбекии «қӯрғон», «кент», арабии «қалъа», «мадина» ҳаммаъно мебошад.*

Дар диёри мо шаҳрҳои қадима ва замонавӣ бисёранд. Ҳар яки онҳо ифтихори мо мебошанд. Дар тимсоли онҳо, мо таърихи бузурги Ватани худ, мероси бебаҳои моддӣ ва маънавӣ, дараҷаи имрӯзаи тараққиёт, маданият, қадамҳои бунёдкоронаи халқи моро мебинем.

Ҳаминро дониста гиред, ки ҳама гуна навигарӣ ва дигаргуниҳо, нишонаҳои тараққиёти ҳар як мамлакат аз шаҳрҳои калон, аввало аз пойтахти он оғоз меёбад.

**Соли 2007 Тошканд «Пойтахти маданияти ислом» эълон карда шуд. Соли 2009 ҷашни 2200-солагии шаҳри Тошканд қайд карда шуд.**

Дар диёри мо шаҳрҳои таърихӣ ба монанди Бухоро, Хева, Шаҳрисабз, Қаршӣ, Самарқанд, Тошканд, Марғилон ҳастанд.

Имрӯзҳо қиёфаи онҳо рӯз ба рӯз кушода мешавад. Барои ҳамин мо онҳоро шаҳрҳои «қадимӣ ва ҳамеша навқирон» мегӯем.

**Калимаҳои «юрт», «диёр», «кишвар», «мамлакат», «республика» ҳаммаънои калимаи «Ватан» мебошанд.**

**Дар Ватан зиндагӣ кардан бахти бузург аст. Ҷудоӣ аз Ватан, ватангадоӣ фоҷиаи азим мебошад.**

Мо инсонҳои хеле хушбахтем — дар Ватани озоди дар ҷаҳон бемисл зиста, камол меёбем. Боигариҳои диёри он — боигарии мо, дастовардҳои он — дастовардҳои мо мебошанд. Ба Ватани ягона фарзанди муносиб шудан — қарзи муқаддаси мо аст.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Қишлоқ ё маҳаллаи Шумо чӣ ном дорад? Маънои онро медонед?
2. Агар рассом мебудед, расми Ватанро чӣ хел мекашидед?
3. Дар бораи Ватан чор қатор шеър гӯед.
4. Барои чӣ фароштурук ҳар сол дар баҳор омада лонаи худро бехато меёбад?
5. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи эҳсоси Ватан дар инсон ва ҳайвонҳо нақл кунед.


1


2


3


4

6. Кадом шаҳрҳои диёри моро медонед?

# МАЙДОНИ МУСТАҚИЛЛИК

Донишомӯзи азиз, барои халқи ҳар як мамлакати ҷаҳон масканҳои муқаддас мешаванд, ки ба рамзи ифтихор табдил ёфтаанд. Майдони Мустақиллик барои мо ҳамин хел маскани табаррук. Он дар маркази пойтахт — Тошканд ҷойгир шудааст.

**Майдони Мустақиллик 5-уми сентябри соли 1991 бо Фармони Президент Ислом Каримов ташкил шудааст.**

*Канӣ гӯед, ки майдони Мустақиллик баъди чанд рӯзи ба истиқлолият ноил шудани мамлакати мо ташкил карда шудааст?*

Ин майдони муаззам гувоҳи бисёр воқеаҳои таърихӣ шудааст.

Олитарин идораҳои давлати мо ба монанди Сенати Олий Маҷлиси Республикаи Ӯзбекистон, Девони Вазирон, Дастгоҳи Президент, айнан дар атрофи ҳамин майдон ҷойгиранд.

Аз истгоҳи «Мустақиллик майдони»-и метрои Тошканд ба тарафи ғарб равем, чашми мо ба арки Некӣ меафтад, ки



**Майдони Мустақиллик**

сутунҳои сафед ва пештоқи он аз нурҳои Офтоб ҷило медиҳанд.

*Калимаи арк маънои дарвозаи болояш нимдоирашакл ё бинои боҳашам дар ҳамин намудро ифода мекунад.*

Арк ба шарафи воқеаҳои бузурги таърихӣ, юришҳои зафаровар ва ғалабаҳо бунёд карда мешавад. Арки Триумфал — дарвозаи Зафар, дар пойтахти Франсия, шаҳри Париж, ки дар давраи Наполеон сохта шудааст, дар ҷаҳон машҳур аст.

**Арки Некӣ обидаи нодир мебошад, ки ба шарафи Истиқлолияти Ватани мо, ниятҳои неки халқ барпо шуд.**

Дар рӯйи кураи Замини мӯъҷаз, ки болои пештоқ аст, турнаҳои омодаи парвоз тасвир шудаанд. Онҳо тимсоли Ӯзбекистони торафт пурқувват ва ривоҷёфтаистода. Лаклакҳои дар як пой истода, рамзи сулҳу осоиштагӣ, файзу барака дар диёри мо мебошанд.

Дар майдони Мустақиллик монументи Мустақилӣ ва некӣ қад афрохтааст. Ин ёдгорӣ, аз ду қисм – монументи Мустақилӣ, ки аз кураи Замин бо тасвири Ӯзбекистон иборат ва аз ҳайкали Модари бахтиёр, ки ба фарзанди худ бо меҳр дида дӯхтааст, иборат мебошад. Монументи кураи Замин соли 1992 гузошта шудааст. Тасвири ҳудуди Ӯзбекистон дар он ба сифати давлати мустақил дар ҷаҳон мавқеи муносиб ёфтани диёри мо, ҷовидонии истиқлолияти онро ифода мекунад.



Ҳайкали Модари бахтиёр, ки ба фарзанди худ бо меҳр дида дӯхтааст, соли 2005 барпо шудааст, рамзи Ватан мебошад. Модар ба фарзанди худ бо умеди калон фарзанди муносиби диёри соҳибистиқлол шуданро орзу мекунад.

**Бо қарори Президенти мо аз 3 январи соли 2006 ба обидаи муаззами майдони Мустақиллик, монументи Мустақилӣ ва некӣ ном дода шуд.**

Арки Некӣ ва монументи Мустақилӣ ва Некиро ғояи ягона муттаҳид карда меистад. Яъне, ҳарду обида ҳам мақсаду муддаоҳои неки халқи моро равшан инъикос мекунанд.

Халқу кишвари мо дар давоми ҳазорҳо сол бо орзую умедҳои нек зиндагӣ мекарданд. Дар китоби «Авесто», ки қариб се ҳазор сол пеш офарида шудааст, ғояи қоидаи асосии ҳаёти инсон бояд пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек бошад, ифода ёфта, аз он далолат медиҳад, ки аз замонҳои хеле қадим аҷдоди мо некиро маънои зиндагонӣ медонистанд.

**Барои он, ки мақсадҳои бузурги халқи моро акс кардааст, майдони Мустақилликро майдони асосии Ватан меномем. Ба қиёфаи бетакрори он назар андохта, гӯё тамоми мамлакатро, қалби халқи моро мебинем.**



**Монументи Мустақилӣ ва некӣ**

Ҳаминро донед, ки ташаббускори асосӣ ва муаллифи барпо намудани монумент ва ҳайкалҳои мӯҳташам, хиёбони хушрӯй ва маҷмӯаҳо, ҳудудҳои сабз, фаввораҳои зебо Президенти мо Ислом Каримов мебошад.

Пеш аз Истиқлолият ин маскан як ҷойи бенуру бефайз шуда буд, ки дар он ягон гиёҳ ҳам намесабзид, фақат бо оҳану бетон пӯшонида шуда буд.

Имрӯзҳо ҳамватанони мо аз шаҳру қишлоқҳои дурдаст, аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон сайёҳони хориҷӣ бо шавқу ҳаваси калон ба ин ҷо омада, Тошкандро, тамоми Ӯзбекистони моро аз нав кашф мекунанд.

Ҳар сол дар арафаи иди Истиқлолият Президенти мамлакати мо ба пояи монументи Мустақилӣ ва Некӣ гул мегузорад. Раҳбарони давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, ки ба диёри мо ташриф мебиёранд, ба сифати ифодаи эҳтироми баланд ба халқи мо ба пойи ин монумент гул монда, майдонро давр зада, аз зебогии он баҳраманд мешаванд.

Дар майдони Мустақиллӣ истода, ба гирду атроф назар андозед, биноҳои аз якдигар зебо, маҷмӯаҳои аз қабили дар шарқ ҳайкали соҳибқирон Амир Темур ва хиёбони зебои ба номи вай, Қасри анҷуманҳои «Ўзбекистон», музейи давлатии таърихи Темуриён, Қасри эҷоди Ҷавонон, галереяи санъати тасвирӣ, маркази Бизнесро мебинед.

Дар тарафи шимол иншоотҳои муаззам ба монанди майдони Хотира, ҳайкали модари Мотамсаро, қасри «Туркистон» қад бардоштаанд.

Дар тарафи ҷануб бошад бино ва майдони Сенат, биноҳои Девони Вазирон, Дастгоҳи Президент, хиёбони сарсабз чашмро шод мегардонад.

Дар тарафи ғарб, эътиборатонро оби зулоли Анҳор ва хиёбонҳои салқини соҳили он, майдони муаззами «Пахтакор», ки қиёфаи нав гирифтааст, ҷавонони ба намудҳои гуногуни бозиҳои спортӣ машғул ба худ мекашад.



**Ҳайкали модари мотамсаро**



**Галереяи санъати тасвирӣ**



**Қасри эҷоди ҷавонон**

Агар мухтасар ифода кунем, дар майдони Мустақилӣ истода, ифодаи равшани корҳои азимро, ки бо меҳнати фидокоронаи халқи мо бунёд мешаванд, тағйиротҳои бекиёсро мебинем ва қалби мо аз ҳисси ифтихор пур мешавад.

Истиқлол ба имкони давом додани корҳои нек, арзиш ва анъанаҳоро, ки таърихи чандинасрӣ доранд, дар ҷаҳон аз ҳеҷ кас кам нашуда, озод ва фаровон зистанро фароҳам овард. Вақте мо дар майдони Мустақиллик бо дӯстон, аҳли оила сайр мекунем, бори дигар ба ин гуфтаҳо боварӣ ҳосил мекунем.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Пештар дар бораи майдони Мустақиллик чӣ медонистед?
2. Аз рӯйи расм гӯед, ки сутуни Арки некӣ чандто аст?



3. Аз рӯйи расмҳо дар бораи чеҳаи рӯйи модари Бахтиёр ва модари Мотамсаро нақл кунед.



1



2

4. Оё дар бораи Истиқлолият шеър ё суруд медонед?

# ДАРКИ ВАТАН

Донишомӯзи азиз! Барои дарки Ватан онро аз таҳти дил дӯст доштан, дар бораи таърихи Ватан, тараққиёти имрӯзаи он, одамон, табиати он бисёр чизҳоро донистан лозим.

Одамонеро, ки бо як ҳудуди муайян вобаста будани Ватанро эътироф накарда, «барои мо тамоми рӯйи замин Ватан» гуфта зиндагӣ мекунанд, дар илм космополит меноманд. Онҳо дар асл ғояи беватаниро тарғиб мекунанд. Ин ғоя зарарнок мебошад.

Дар илм боз як мафҳум — ибораи ҳаёти муқимӣ буда, он бо мафҳуми Ватан вобаста аст.

*Ҳаёти муқимӣ дар як ҷой реша давонда, айнан ба ҳамин хок меҳр монда, зиндагӣ карданро мефаҳмонад.*

Халқҳои муқим ба ривоҷи маданият ҳиссаи калон гузоштаанд.

**Халқи мо ҳам яке аз халқҳои қадими ҷаҳон мебошад, ки аз замонҳои қадим ҳаёти муқимӣ пеш бурдааст.**



**Хева. Минори Калта**



**Бухоро. Минораи Калон**



*Расмҳоро бодиққат бинед. Халқи кӯчманчӣ ҳамин хел обидаи қадимӣ офарида метавонад?*



**Самарқанд. Мадрасаи Шердор**

Бачаҳо ҳангоми бозӣ аз рег ё хок лой карда, кӯшиш мекунанд, ки хоначаҳо, манораҳо созанд. Ин нишон медиҳад, ки ҳаёти муқим, дар хуни мо ҷой гирифтааст.

Табиат, замин, об ва ҳаво, осмони мусаффои Ватан хусусияти ба худ хос дорад. Масалан, дар ҳамаи маҳалҳои кишвари мо анор мерӯяд. Лекин анори ягон маҳал ба анори Қува ё Шаҳрисабз баробар намешавад. Дар ҳамаи маҳалҳои диёри мо анҷир мерӯяд, аммо дар байни онҳо мазаи анҷири Самарқанд беназир аст. Аҷдоди бузурги мо Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар бораи харбузаҳои вилоятҳои Мовароуннаҳр фикр ронда, харбузаи Бухороро алоҳида таъкид менамояд: «Дар Бухоро ҳама навъҳои харбуза зиёд аст ва хуб аст».

*Ривоят*

## НОНИ САМАРҚАНД



Мегӯянд, ки як замон, яке аз подшоҳони Бағдод ба нони Самарқанд ҳавас карда, дар пойтахти худ ҳам ҳамин хел нони бомаза пазонданӣ шудааст. Ба ҳамин мақсад аз Самарқанд машҳуртарин нонвойро даъват карда, супориш додааст. Устои самарқандӣ гуфтааст, ки аз шаҳри вай хок оварда, лой карда, танӯр сохтан лозим. Ин гуфтаи вай ба иҷро расидааст. Усто гуфтааст, ки аз Самарқанд ҳезум овардан

зарур. Ин хоҳиш ҳам иҷро шудааст. Аз об ва орди Самарқанд хамир ҳам тайёр кардаанд. Ҳама чизро тайёр карда, подшоҳро хабар кардаанд. Вай ба нонвой: «Хӯш, ҳамаи чизҳои даркорӣ тайёр, акнун корро сар кунед» гуфтааст. Нонвой узр хоста, «Ҳазратам, ҳоло ҳама чиз тайёр не» гуфтааст. Ба нияти он, ки ба амал бароварда нашудани ин хоҳишро худи подшоҳ фаҳмад, нонвой охирин шарти худро ба подшоҳ изҳор намудааст: «Ҳазратам, акнун боз ҳавои Самарқанд ва офтоби Самарқанд бошад бас, дигар ҳеҷ чиз даркор не. Ана баъди ҳамин ба пухтани нон сар мекунам». Ҳамин хел нонвой ҳам аз ҷазо ва ҳам аз азоби иҷрои кори имкон надошта халос шудааст.



*Донишомӯзи азиз, ба фикри Шумо офтоб ва ҳаворо аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан мумкин аст? Гуфтаҳои падару бобоёни моро «Ба замини мо, оби мо дуо рафтааст» чӣ хел мефаҳмед.*

Тарзи зисти ба худ хос, анъанаҳои миллии ҳар як халқ вобаста бо ҷою макони онҳо ташаккул меёбанд. Яъне, онҳо айнан маҳсули ҳаёти муқимӣ мебошанд. Масалан, урфу одат ва анъанаҳои халқҳое, ки дар соҳили дарё ва баҳрҳо истиқомат мекунанд аз халқҳое, ки дар дашту саҳро мебошанд, мутлақо фарқ мекунад.

**«Агар ба тарзи зиндагонӣ ва тафаккури халқи мо назар андозем, як қатор хусусиятҳоеро мебинем, ки ба дигарон ҳеҷ монанд нест, дар давоми ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст, онҳо на танҳо дар муносибати ҳамдигарӣ, балки ба сифати як қисми узвии ҳаёти мо намоён мешаванд. Барои мисол, ибораҳоеро мегирем, ки бо маънову мазмуни чуқур якдигарро бой ва пурра мегардонанд, инҳо меҳру оқибат, меҳру муҳаббат, меҳру шафқат, қадру қиммат. Ҳарчанд, ба назар ғалатӣ расад ҳам, ба дигар забонҳо айнан тарҷума кардани ин ибораҳо як муаммои мушкил аст»[1].**

---

[1] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 8.

Хусусиятҳои ба худ хоси Ватан ҳатто дар сохти рӯй, чеҳраи инсон ҳам акс меёбад. Масалан, ӯзбекро аз япон, арабро аз турк, намояндаи америкаи лотиниро аз европоӣ аз чеҳра ва чашмонашон фарқ кардан мумкин.

Агар инсон бо тақозои тақдир дур аз Ватани худ умр ба сар барад, эҳсос ва фазилатҳое, ки аз Ватан мерос мондаанд дар вуҷуди вай бедор шуда, ӯро ба Модар-Ватан даъват мекунад. Ин ҳолро баъзан «руҳи гузаштагон даъват мекунад» гуфта ҳам шарҳ медиҳанд. Дар китоби дарсии «Адабиёт» ҳикояи «Ҳелладос»-и нависандаи гурҷӣ Нодар Дунбадзе ҷой дорад. Дар он, ана ҳамин қонунияти ҳаёт хеле пуртаъсир тасвир шудааст. Ҳелладос номи қадимаи давлати Юнон. Онро Элладаи қадима ҳам меноманд. Шавқовартаринаш ҳамин, ки ин ҳикоя дар бораи Юнон не, балки дар бораи Ҳелладоси қалб — Ватани дил мебошад.

Аҷдоди бузурги мо ҳам ҳамеша бо эҳсоси муҳаббат ба Ватан зистаанд.

**«Чингизхон ҳамин хел як қувваи машъум буд, ки чандин зотҳои номдори олам тайёр буданд дар назди вай зону зада, таъзим намуда зиндагӣ кунанд. Вақте, ки аксарияти бекҳои атрофи Муҳаммад Хоразмшоҳ[1] ҳам ба дасти аҷнабӣ таслим шуданро афзал донистанд, Ҷалолиддин бар зидди чунин фикр баромада, ҷасорат ва қатъияти бемисли худро намоиш дод. Бар муқобили лашкари муғул, ки то ин вақт ба мағлубият дучор нашуда буд, ёздаҳ сол ҷанг кард. Ва ба ғаним чунон зарбаҳои ҳалокатовар зад, ки ҳатто Чингизхон барин фотеҳи маккор ва бешафқат, ки нисфи дунёро забт карда буд, маҷбур шуд ӯро эътироф намояд».[2]**

---

[1] **Муҳаммад Хоразмшоҳ** – ҳукмдори Хоразм, падари Ҷалолиддин Мангубердӣ.

[2] **Islom Karimov**. Ozod va obod Vatan, erkin va farovon hayot – pirovard maqsadimiz. –Т.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 2000, саҳ. 73.

Аз диёр, Модар-Ватан ҷудо кардани инсон, дар хонаи худаш нороҳат кардани он бузургтарин гуноҳ ба ҳисоб меравад. Хонаи ҳар як инсон — Ватани дахлнопазири вай мебошад. Барои ҳамин, аз рӯйи одати халқи мо, агар ба хонаи касе ба ногоҳӣ рафтан лозим ояд, аз соҳиби хонадон узр мепурсад. Аҷдоди мо нафақат инсонро, балки аз Ватан ҷудо кардани ҳар гуна ҷонваронро ҳам гуноҳ медонистанд.



**Урганч. Ҳайкали Ҷалолиддин Мангубердӣ**

*Ривоят*

## ВАТАНИ МӮРЧА

Рӯзе ҳазрат Алишер Навоӣ аз як анҷуман хестан ҳамоно ба сӯйи хона шитофтааст. Баъд, дӯстонаш сабаби онро пурсидаанд. Ҳазрат Алишер Навоӣ ба ин мазмун ҷавоб додааст: «Дар роҳ як мӯрча ба либосам часпида, бо ман ба масҷид омада будааст. Бечора аз Ватанаш ҷудо шудааст-ку гуфта, хостам ба маконаш бурда монам. Боиси шитоби ман ҳамин буд»



*Оё дар хотир доред, ки дар дарси якум дар ҳайвонҳо ҳам ҳисси Ватан ҳаст гуфта будем? Ҳамон гуфтаҳоро бо ин ривоят муқоиса карда, фикратонро гӯед.*

Дар дунё ҳамин хел қувваҳои бадӣ ҳастанд, ки онҳо на танҳо мӯрча, балки халқҳои томро ҳам аз Ватани худ ҷудо мекунанд. Масалан, ҳокимияти шӯроҳо, ки пеш аз Истиқлолият ҳукм рондаанд, тоторҳои Қримро аз Ватанашон таъқиб карда, ба дигар кишварҳо, аз ҷумла ба диёри мо ҳам кӯчонида овард. Дар натиҷа, онҳо қариб ним аср аз Ватан ҷудо истиқомат карданд. Фақат баъди таназзули империяи шӯроҳо онҳо ҳуқуқ пайдо карданд, ки ба Ватани худ — нимҷазираи Қрим баргар-

данд. Халқи мо ба анъанаҳои аҷдоди худ содиқ монда, дар рӯзҳои вазнин ба онҳо ҳамдард шуд, аз оғӯши худ ҷой дод.

Дар солҳои ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ бошад халқи мо қариб ба 1 миллион аҳолӣ — кӯдакон, занон ва пиронсолони гурусна, ба сару либосу сарпаноҳ, ба меҳр мӯҳтоҷи ҳудудҳои зери дасти фашистҳо мондаи СССР сарпаноҳ дод. Аз онҳо 200 ҳазор нафар кӯдакон буданд. Танҳо дар шаҳри Тошканд 2323 нафар кӯдакони ятиммондаро ҳамватанони мо ба фарзандӣ қабул карданд. Ба туфайли меҳру шафқати халқи мо, онҳо ба Ӯзбекистон як умр бо меҳри фарзандӣ вобаста шуданд. Ин одамон диёри моро барои худ Ватани ҳақиқӣ донистанд.

Чунин меҳрубонии халқу кишвари мо аз он далолат медиҳад, ки дар Ватан зистан бахти бузург ва ватангадоӣ чӣ қадар фоҷиа буданашро чуқур эҳсос мекунад.

Хулоса карда гуфтан мумкин, ки дарки Ватан барои инсон ҷараёнест барои як умр. Баробари худро, қадру қимати худро дарк кардан, инсон Ватанро ҳам фаҳмида, дарк мекунад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо ба меҳмонӣ тез-тез меравед?
2. Дар меҳмонӣ худро чӣ хел ҳис мекунед? Дар хона-чӣ?
3. Байни паррандаи дар қафас буда ва паррандаи озод чӣ фарқ ҳаст?
4. Аз рӯйи расмҳо номи паррандаҳои хонагиро гӯед. Барои чӣ онҳоро ҳайвонҳои хонагӣ меномем?


1


2


3


4

5. Дар қишлоқ ё шаҳри Шумо дарахти кадом мева бисёр ва барои чӣ?

## СУЛҲ – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

Донишомӯзи азиз, дар мамлакати мо идҳои зебо, қадимӣ ва замонавӣ бисёр. Яке аз онҳо 9 май – рӯзи Хотира ва гиромидошт мебошад.

**Рӯзи Хотира ва гиромидошт аз соли 1999 инҷониб дар диёри мо васеъ ҷашн гирифта мешавад.**

Ин ид ба мақсади ёдоварии ҳамаи инсонҳое, ки дар ҷанги Дуюми ҷаҳон ҳалок шудаанд, дар роҳи озодӣ ва равнақи халқу кишвари мо мубориза бурда, меҳнат карда, аз олам гузаштаанд, гиромидошти фахриёни ҷанг ва меҳнат, ки имрӯз гашти пирӣ доранд, ташкил карда шудааст.

*Калимаи «Хотира» маъноҳои ёдбуд, ёдоварӣ, фаромӯш накарда ёд карданро ифода мекунад.*

Рӯзҳои ин ид гузаштаҳо ёдоварӣ шуда, қабри онҳо зиёрат карда мешавад, пиронсолон муборакбод шуда, ба онҳо тӯҳфаҳо дода мешавад, ниятҳои нек изҳор мешаванд.

*Калимаи «гиромидошт» маъноҳои кiромӣ, арҷманд, азиз, мӯҳтарам, мукаррам, гиромӣ доштан, иззат кардан, эҳтиром намуданро ифода мекунад.*

Хусусан рӯзи 9 май майдони Хотира, ки дар маркази пойтахти Ватани мо — шаҳри Тошканд ҷойгир аст, файзу тароватӣ алоҳида касб мекунад. Аз пагоҳии барвақт дар ин ҷо иштирокчиёни ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ, ҳамватаноне, ки солҳои ҷанг дар ақибгоҳ ҷанг кардаанд, фахриёни меҳнат, вакилони ташкилотҳои ҷамоатӣ, давлатӣ ва ғайридавлатӣ, фаъолони маҳалла, ҷавонон, ходимони воситаҳои ахбори умум ҷамъ мешаванд. Ба зиёратгоҳ Президенти Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов ташриф меорад. Раҳбари давлати мо бо фахриёни ҷанг ва меҳнат, вакилони ҷамоатӣ вохӯрда, онҳоро ба ифтихори ид самимона табрик мегӯяд.



Ба пояи ҳайкали модари Мотамсаро, ки дар тарафи шарқи майдон ҷойгир аст, гул монда, ба хотири ҳамватанон, ки дар ҷанги Дуюми ҷаҳон ҳалок шудаанд, баҷо овардани эҳтиром қисми ҳаяҷоновари ин маросим ба ҳисоб меравад.

Баъд аз лавҳаҳои зарҳалии айвонҳои дар тарафҳои шимолӣ ва ҷанубии майдон барпошуда, ки дар онҳо фамилия, соли таваллуд ва вафоти шаҳидони ҷанг аз рӯйи вилоятҳо навишта шудаанд, марҳумон бори дигар ёдоварӣ мешаванд.

**Интервюи раҳбари давлати мо ба воситаҳои ахбори умум муҳимтарин воқеаи маросим ба ҳисоб меравад.**

Интервюи сарвари давлат 9 майи соли 2013 бо фикрҳои даъваткоронаи «Барои халқи ӯзбек сулҳ ва осоиштагӣ лозим» дар хотирҳо монданд. Дар ин интервю, ки бо ҳамин ном дар шакли китоб нашр шуд, пеш аз ҳама барои халқи мо чӣ қадар қиммат афтидани ғалаба дар ҷанги Дуюми ҷаҳон таъкид карда мешавад.

**Пеш аз ҷанг дар Ӯзбекистон қариб 6,5 миллион аҳолӣ зиндагӣ мекард, аз он 1,5 миллион нафар дар ҷанг иштирок кардааст. Аз ҳамватанони мо наздик ба 500 ҳазор нафар дар ҷанг ҳалок шудаанд. Чандин одам бедарак шудааст, ё маъюбу маҷрӯҳ баргаштааст.**



*Агар аз шашуним миллион одам бештар аз нисфашро кӯдакон, пиронсолон ташкил кунанд, чӣ қадар аҳолии ба меҳнат болаёқат дар ҷанг иштирок кардааст? Ба ҷойи онҳое, ки ба ҷанг рафтаанд, кӣ меҳнат мекард?*



Афсӯс ки, имрӯз дар ҷаҳон, дар гирду атрофи мо боқӣ мондани зиддият ва моҷароҳои гуногун, афзудани хавфи терроризм, экстремизм, боз сар бардоштани офати ба ном фашизм нишон медиҳад, ки инсон ҳанӯз аз таърих хулосаҳои зарурӣ набаровардааст.

Бештар аз сию панҷ сол аст, ки дар Афғонистон ҷанг давом мекунад. Ин ба осоиштагӣ ва барқарорӣ дар диёри мо, дар ҷаҳон хавфи ҷиддӣ меандозад. Дар давраи ҷанг, дар ин кишвар як авлоде ба воя расид, ки чӣ будани сулҳро намедонад.

**«Даъвати ба мо осоиштагӣ лозим, имрӯз барои тамоми халқи мо бояд даъвати ягона шавад. Ба Ӯзбекистон осоиштагӣ лозим, ҳаёти осуда лозим. Барои тараққиёти мо ягонто ҳам монеа лозим нест»[1].**

**Халқи мо вақти ба дуо даст кушодан, аз Офаридгор аввало осоиштагӣ, сулҳ талаб мекунад. Ин ду калима ба шуури халқу кишвари мо ҷой гирифта, ба мазмуни ҳаёт, арзиши миллӣ табдил ёфтааст.**

Ҳамватанони мо, Офтоби дурахшони болои сарро, осмони мусаффоро муҳимтарин аломати сулҳу осоиштагӣ, фаровонӣ медонанд.

*Дар ҷойе, ки осоиштагӣ ҳаст, тараққиёт мешавад. Дар ҷойе, ки эҳтироми ҳамдигар, ҳамҷиҳатӣ намешавад, ҳеҷ гоҳ ривоҷёбӣ ҳам намешавад.*

**Осоиштагӣ аз осмон намеафтад. Барои сулҳу осоиштагӣ, ки асоси тараққиёти мустақилона, ҳаёти фаровони мо мебошад, мубориза бурдан ва фидоӣ шудан лозим.**

---

[1] **Islom Karimov**. O‘zbek xalqiga tinchlik va omonlik kerak. T.: «O‘zbekiston», соли 2013, саҳ. 27.

**Муҳимтарин шарти ҳаёти осоишта, баркарорӣ аз он иборат аст, ки ба беғамӣ ва бепарвоӣ роҳ надода, ҳамеша огоҳ, ҳаматарафа ҳассос ва бедор буда, аз таърих, аз ҳаёт хулоса бароварда зистан лозим.**

Дар китоби Президенти мо алоҳида таъкид карда мешавад, ки ҳамин хел назар, ҳамин хел кайфият бояд ба мақсади ҳаётии ҳамаи ҳамватанони мо табдил ёбад.

Донишомӯзи азиз, аз мазмуни мухтасари ин асар мебинед, ки дар он фикрҳои хеле муҳим ва рӯзмарра пеш гузошта шудаанд. Барои ҳисса гузоштан ба амалӣ кардани ҳамин мақсад ва вазифаҳо, Шумо пеш аз ҳама бояд нағз хонед, вақти худро бекор нагузаронида, ҳамеша кор карда, ба хизмати падару модар, халқу кишвар доимо омода шуда, Модар-Ватанро аз таҳти дил дӯст доред.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Рӯзи Хотира ва гиромидошт аввал киро табрик мекунед?
2. Қадри сулҳро чӣ хел мефаҳмед?
3. Аз аҷдоди Шумо фахриёни ҷанг ва меҳнат ҳастанд? Дар бораи онҳо нақл кунед.
4. Дар расмҳо аломатҳои осоиштагӣ чӣ хел акс ёфтаанд?



1



2



3



4

## ЭҲСОСИ ВАТАН

Донишомӯзи азиз, ҳиссу эҳсоси инсон ҳам бо ҷойи зисти вай вобаста аст.

Шумо мумкин кинофилми «Маугли»-ро, ки дар асоси асари нависандаи англис Киплинг офарида шудааст, дида бошед. Дар он, дар бораи писарбачае ҳикоя карда мешавад, ки дар байни ҳайвонҳои ҷангал зиста, ҳиссу эҳсосаш тағйир меёбанд.

**Эҳсоси Ватан ба инсон як умр ҳамроҳ, ҳамнафас аст.**

Бо садо додани номи Ватан солҳои дар оғӯши вай будан, падару модар, хонаи қадрдони мо ба хотир мерасад, қалби мо аз эҳсоси ширин пур мешавад.

Ҳангоми тамошо кардани табиати бетакрори диёр, баҳраманд шудан аз боигариҳои он, вохӯрдани ҳамватанон дар кишварҳои дур, шунидани дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои спорт, маданият, санъат ва дигарҳо беихтиёр шодӣ мекунем.

Эҳсоси Ватан ба қалби инсон дар ҷараёни аллаи модар, панди бобоён, ибрати падар, тарбияи оила, таълими мактаб, мулоқот бо табиат ҷой мегирад. Эҳсоси Ватан дар лаҳзаҳои душвор ба кас қувват мебахшад, ба шарафнок намудани халқу кишвари мо дар ҷаҳон, ба содиқ шудан ба анъанаҳои аҷдодӣ даъват мекунад.

Одатан, инсонҳо ба давлати хориҷӣ рафтанӣ шаванд, бо худ ягон ёдоварии Ватанро мегиранд. Дар замонҳои қадим аҷдоди мо ҳангоми ба кишварҳои дур сафар кардан як мушт хоки Ватанро ба рӯймолча баста мегирифтанд. Дар кишварҳои дур вақте, ки ёди Ватан қалбҳоро мефишурд, ҳамин хокро бӯй кашида, ба чашм тутиё карда, аз меҳру нафаси диёри қадрдон сер мешуданд.



Эҳсоси ҷаҳд ба Ватан дар қалби инсонҳои бузург чунон пурқувват мешавад, ки онҳо нафақат дар зиндагӣ, балки пас аз тарки ин дунё ҳам ба хоки Ватан наздик буданро орзу мекунанд. Бобои мо Заҳириддин Муҳаммад Бобур ҳам, ки дар кишвари Ҳиндустон подшоҳӣ кардааст, васият карда буд, то пас аз вафоташ ҷисми ўро на дар он ҷо, балки ба пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул, ки ба Ватан наздиктар аст, дафн кунанд. Қабри муборакии ин намояндаи аҷдоди бузурги мо ҳозир дар шаҳри Кобул аст.

Солҳои истиқлолият дар диёре, ки Бобур таваллуд ёфтааст — шаҳри Андиҷон, қабри рамзии вай ва дар атрофи он боғи азим бунёд карда шуд.

*Эҳсоси Ватан бо эҳсоси ворисӣ дар инсон узван вобаста аст. Ворисӣ аз падар ба писар, аз аҷдод ба авлод гузаштани муҳимтарин хусусият ва арзишҳоро мефаҳмонад.*

Ворисони Бобур — аксарият намояндагони сулолаи бобуриён ҳам дар диёри падару бобоён — Ўзбекистон истиқомат накарда бошанд ҳам, эҳсоси Ватан онҳоро ба ин хоки табаррук даъват мекард. Авлоди имрўзаи онҳо ҳам ҳамин заминро ба худ Ватани таърихӣ медонанд.

Эҳсоси Ватани таърихӣ ба дигар халқҳо ҳам хос. Масалан, падару бобоёни халқҳое, ки имрӯз дар қитъаи Америка истиқомат мекунанд, дар қадим аз Европа кӯчида рафтаанд. Барои ҳамин, авлоди имрӯзаи ин халқ мамлакатҳои Европаро Ватани таърихии худ меҳисобанд.



**Андиҷон. Ҳайкали Заҳириддин Муҳаммад Бобур**

Падару бобоёни мо барои нигоҳ доштани анъанаҳои ворисӣ таърихи наслу насаби худ — шаҷараҳо менавиштанд. Ин ҳам як намуди муҳаббат ба Ватан, кӯшиш ба муқаддас нигоҳ доштани таърихи он мебошад.

Шумо дар бораи алломаҳое, ки дар Ватани мо ба воя расидаанд, бисёр шунидаед.

*«Аллома» калимаи арабӣ буда, маънои олими олимон, донандаи илмҳо, донишмандро мефаҳмонад.*

Алломаҳои мо эҳсоси Ватан дар ҳар кор, дар ҳар қадам мадагор бошад гуён ба исми шарифи худ номи зодгоҳро ҳамроҳ карда менавиштанд. Номҳои аз қабили Бухорӣ, Замахшарӣ, Самарқандӣ, Шошӣ, Тошкандӣ, Фарғонӣ, Марғилонӣ, Хоразмӣ, Тирмизӣ, Насафӣ ба ҳамин тарз пайдо шудаанд.

Солҳои истиқлолият доир ба чуқур омӯхтани мероси илмии ҳамин алломаҳо, дар миқёси ҷаҳон тарғиб кардани онҳо корҳои хеле калон ба амал бароварда мешаванд. Конференсияи байналхалқӣ, ки рӯзҳои 15—16-уми майи соли 2014 дар шаҳри Самарқанд дар мавзӯи «Мероси таърихии алломаҳо ва мутафаккирони Шарқи асрҳои миёна, рол ва аҳамияти он дар риворҷи тамаддуни ҳозира» гузаронида шуд, аз ҷумлаи ҳамин корҳои нек мебошад.

## «ЎЗБЕК ДАР ДОХИЛИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛ»



Ширкати машҳури ҷаҳон Би-Би-Си дар бораи ҳамватани бузурги мо Муҳаммад Хоразмӣ филми 10 дақиқагӣ ба навор гирифт. Дар он, кашфиётҳои азими алломаи мо дар соҳаи математика, хусусан, аввалин шуда системаи ҳисоби даҳии позитсионӣ ва аломати нолро ба илм ҷорӣ кардани вай, аз номи ал-Хоразмӣ гирифта шудани калимаи «algoritm» ҳикоя карда мешавад. Шореҳи Би-Би-Си телефони мобилиро нишон дода, таъкид мекунад: «Ман ҳар гоҳ, ки аз ин истифода мебарам, ба ўзбеки бузург, ки даруни он нишастааст, таъзим мекунам». Вай эътироф мекунад, ки Хоразмӣ бо навигариҳои бузурги худ дар олами математика ба воситаҳои ахбороти имрўза чун телефони мобилӣ тахминан 12 аср пеш асос гузоштааст.

Ана ҳамин хел суханҳои эътироф ва миннатдориҳо рўзҳои конференсияи байналхалқӣ, ки дар Самарқанд баргузор шуд, аз тарафи меҳмонони хориҷӣ такрор ба такрор изҳор гардид.



*Оё медонед, ки глобусро кӣ кашф кардааст? Ҳар боре, ки аз глобус истифода мебарем, ба кадом аҷдоди худ бояд таъзим кунем?*

Донишомўзи азиз, Шумо филмро дар асоси асари машҳури нависандаи англис Даниэл Дефо дар бораи Робинзон Крузо дидаед. Қаҳрамони он дур аз Ватани худ, дар танҳоӣ азоб мекашад. Ин одам, ки ба ҷазираи бекаси иборат аз ҷонварони ёбоӣ афтода буд, барои нигоҳ доштани қиёфаи инсонии худ мунтазам ҳаракат мекунад ва ниҳоят бар танҳоӣ ғолиб меояд. Бе ҳеҷ шубҳа, дар ин ҳол ба вай эҳсоси Ватан ёрӣ мерасонад.

**Дар замони зери зулми мустамликадорӣ мондани диёр эҳсоси Ватан ба андўҳи Ватан табдил меёбад.**

Дар давраи мустамликадорӣ, ки дар кишвари мо беш аз 130 сол давом дошт, эҳсоси ба Ватан вобастаи падару бобоёни мо фақат дар шакли андӯҳ зоҳир мешуд. Вақте, ки мақола ва шеърҳои бо ҳасрати азим навиштаи аҷдодро ба монанди Беҳбудӣ, Фурқат, Қодирӣ, Чӯлпон мехонем, ҳис мекунем, ки дар хоки Ватан истода, бо дарди ҷудоӣ аз Ватан зистан чӣ қадар вазнин.




Халқу диёр озод, мамлакат соҳибистиқлол бошад, инсон дар роҳи равнақи он тамоми қувваю қудрати худро сафарбар мекунад. Эҳсоси ба Ватан вобастаи ӯ ба эҳсоси фахру ифтихор табдил меёбад. Имрӯз дар бораи Ватани мо сухан равад, мо пеш аз ҳама бо чунин эҳсоси ифтихор меболем. Чунки диёрамон озод шуда, рӯз ба рӯз ривоҷ меёбад.

**Эҳсоси Ватан ба фазилатҳои ватанпарварӣ асос мешавад.**

**«Ҳисси муҳаббат ба Ватан дар қалби одам ба таври табиӣ ҳосил мешавад. Яъне баробари донистани наслу насаби худ ва худшиносии инсон дар дили ӯ эҳсоси муҳаббат ба Ватан реша давонда ривоҷ меёбад. Ин реша чӣ қадаре, ки чуқур бошад, муҳаббат ба зодгоҳ ҳам ҳамин қадар бепоён мешавад».[1]**

*Ватанпарварӣ — ин фидоӣ будан дар роҳи ҳимояи манфиатҳои Ватан аст.*

*Фидоӣ — худро, тамоми қувваю ғайрат ва ақлу заковати худро дар роҳи мақсадҳои бузург сафарбар кардан.*

---

[1] **Islom Karimov**. Ozod va obod Vatan, erkin va farovon hayot – pirovard maqsadimiz. –T.: нашриёти «O‘zbekiston», соли 2000, ҷилди 8, саҳ. 502.

*Савол ва супоришҳо:*

1. Шумо медонед, ки телефони мобилии ҳар рӯз дар истифода бударо кӣ кашф кардааст?
2. Агар Шумо ба саёҳати хориҷа бароед, бо худ чиро гирифта меравед?
3. Дар бораи эҳсоси Ватан шеър ё суруд медонед?
4. Аз рӯйи расмҳо дар бораи ватанпарварӣ нақл кунед.


1


2


3

*Машғулияти амалӣ*

## ДАР ИН ВАТАНИ МУҚАДДАС ИНСОН АЗИЗ

Донишомӯзи азиз, дар диёри мо боигариҳои теризаминӣ ва рӯзаминӣ, анъана ва арзишҳо хеле зиёд. Лекин барои мо боз як боигарии бузург ҳаст — он, инсонҳое мебошанд, ки дар диёри мо зиста, бо меҳнат, дониш, истеъдод ва таҷрибаи худ хоки моро ба зар табдил дода, шаҳру қишлоқҳоро обод мегардонанд.

**Зоти инсонро худи Оллоҳ азиз ва мукаррам офаридааст. Ҳар як инсон — як мӯъҷизаи бузург. Тамоми халқ ва миллати ҷаҳон ҳам ба сифати мӯъҷизаи бузурги Офаридгор ба эҳтиром муносиб аст.**

Афсӯс, ки дар ҳамаи давраҳои таърих ҳам инсон қадру қиммати муносиб намеёбад. Хусусан, дар вазъияти зери зулми истилогарон ё ба доми ҷаҳолат афтодани мамлакат, чуноне дар дарси гузашта гуфтем, эҳсоси Ватан ба андӯҳ табдил меёбад, баъзан ҳатто ба фишори оммавӣ гирифтор карда мешаванд.

Модар-диёри мо ҳам чандин бор ҳуҷуми истилогарони зишт-ро аз сар гузаронидааст. Масалан, дар асрҳои пеш аз милод шоҳони Эронӣ ба монанди Кир ва Доро, қўшуни юнониён, дар асри XII бошад истилогарони муғул ба хоки диёри мо даромада омаданд. Халқу кишвари мо бар зидди онҳо мардона мубориза бурда, ҳар дафъа ба озодӣ ноил шудааст.

Қушўни ҳарбии давлатҳои пурқудрати ҷаҳон, армияи онҳо метавонад кишварҳоро забт намояд, мумкин ба худ тобеъ кунад, аммо онҳо ҳеҷ вақт қалби халқҳоро забт карда, рўҳи онро шикаста наметавонанд. Барои ҳамин ҳам, вақте, ки гап дар бораи кадом як давлат равад, аввало олим, шоир ва мутафаккирони онро ба ёд мегирем. Чунки онҳо барои инсоният хизмат кардаанд.

Мустамликадории Россияи подшоҳӣ ва шўроҳо, ки аз миёнаҳои солҳои 60-уми асри XIX то соли 91-уми асри XX қариб 130 сол давом кард, ба сари халқи мо бисёр санҷиш ва мусибатҳои вазнин овард.

## СИЁҲТАРИН САҲИФАИ ТАЪРИХ

Мо замони шўроҳоро ба сифати саҳифаи сиёҳтарин ва пуризтироби таърихи наздики худ ба ёд мегирем.

**«Маълум, ки, дар солҳои 1937–1953 дар ҳудуди собиқ СССР қатағони мудҳиши сиёсии оммавӣ ба амал бароварда шуда буд. Барои тасаввур кардани оқибатҳои манфии он, фақат дар Ўзбекистан қариб 100 ҳазор кас гирифори қатағон шуда, 13 ҳазор нафар ба қатл расонда шуданашро ба ёд овардан кифоя аст»[1].**



*Мисолҳои ин фикрҳоро бо ҳаёти имрўзаи мо муқоиса кунед. Ҳаёти имрўзаро ба сифати чӣ хел саҳифаи таърих баҳо додан мумкин?*

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 97–98.

Зулму зӯроварихои низоми шӯроҳо то моҳи июни соли 1989 – то саршавии фаъолияти Ислом Каримов ба сифати раҳбари Ӯзбекистон давом кард.

**Дар китоби Президенти мо Ислом Каримов «Ӯзбекистон дар остонаи ноил шудан ба Истиқлолият» дар бораи ба аҳволи вазнин афтодани кишвари мо, барои халосӣ аз он, бо ҷасорати бемисл мубориза бурдани раҳбари республикаи мо муфассал ҳикоя карда мешавад.**

Аз солҳои аввали истиқлол сар карда, дар мамлакати мо қоидаи «Ислоҳот барои ислоҳот не, аввало барои инсон» чун меъёри асосӣ қабул карда шуд. Маънои он ҳамин, ки ислоҳотҳо бояд барои беҳтар кардани ҳаёти инсон хизмат кунанд.

**Олитарин арзиш будани инсон, ҳаёт, ҳуқуқ ва озодиҳои он дар Конститутсияи мо муқаррар шудааст.**



**Хиёбони Шаҳидлар хотираси**

Ба барқарор кардани адолати таърихӣ нисбати инсонҳое, ки солҳои мустамлакадорӣ ноҳақ ҷабр дидаанд, ном ва хотираи муборaки аҷдодони бузурги мо, мероси бебаҳои онҳо эътибори хос дода мешавад. Соли 2000-ум дар ноҳияи Юнусободи пойтахт, маҷмӯаи ёдгории «Шаҳидлар хотираси» барпо шуд. Бо ҳамин ном фонд ва музейи хотираи қурбониёни қатағон ташкил шуд.

*Калимаи «қатағон» маъноҳои буридан, манъ кардан, қатл кардан, куштанро ифода мекунад.*

Як вақтҳо дар ин ҷо, яъне дар соҳили канали Бӯзсув бо номи ваҳмангези «Алвасти-кўприк» ҷарӣ буд. Солҳои 30-юми асри XX ба ҳамин ҷойи хилват шабҳо бисёр фарзандони асили халқи мо хуфиёна дар машинаҳо оварда шуда бешафқатона парронда шудаанд. Онҳо бекафан, бе ному нишон гӯр шуда буданд.

**Рӯзи 31-уми август дар диёри мо ба сифати Рӯзи хотираи қурбониёни қатағон ҷашн гирифта мешавад.**

Ҳар сол 31-уми август Президенти мо ба ин ҷо ташриф оварда, ба хотираи қурбониёни Қатағон эҳтиром ба ҷо меорад.

Имрӯзҳо дар диёри мо ҳаёти осоишта, байни миллат ва халқҳои гуногун муҳити дӯстӣ ва ҳамҷиҳатӣ мустаҳкам мешавад. Гуфтаҳои «Дар ин Ватани муқаддас инсон азиз» ба маъно ва мазмуни амалӣ соҳиб мешаванд.

Дар замони ҳозира ҳам, афсӯс, ки қувваҳои гуногуни таҷовузкор, ки мехоҳанд аз хориҷ истода ҳаёти моро аз роҳ баронд, ба боигариҳои кишвари мо соҳиб шуда, халқи моро боз ба пoбандӣ гирифтор кунанд, ҳастанд. Ин хел хавфу хатар терроризм, экстремизми байналхалқӣ, ақидапарастии динӣ, беахлоқӣ ном гирифтаанд. Албатта, аз ин гуна қувваҳо, ки дар тамоми ҷаҳон реша давонда, одамонро, хусусан, ҷавононро ба дом афтонда, онҳоро ба диёри худ, падару модари худ зид мегузоранд, огоҳ шуда, чун гавҳараки чашм нигоҳ доштани истиқлолияти Ватани мо қарзи муқаддаси ҳар яки мо мебошад.

### *Саволу супоришҳо:*

1. Барои чӣ инсонҳо ба якдигар хурсанд шуда вомехӯранд?
2. Чаро кӯдак таваллуд шавад, шодӣ мекунем?
3. Кадом урфу одатҳои моро медонед, ки ба эҳтироми инсон нигаронда шудааст? Дар бораи расмҳо нақл кунед.



1



2



3

4. Шумо эҳтироми худро ба падару модар, устоз ва дӯстони худ чӣ хел ифода мекунед?
5. Дар бораи азиз будани инсон кадом мақолҳоро медонед?

## ОИЛА – ТИМСОЛИ ВАТАН

Донишомӯзи азиз, агар «Расми Ватанро кашед» гӯянд, ба рӯйи коғаз аввало чиро тасвир мекардед? Барои ин, пеш аз ҳама он чизҳоеро, ки медонем, аз пеши назар мегузаронем. Ҳамин вақт барои мо маскани хеле қадрдон ва фаҳмо хонадоне мебошад, ки мо дар он ба воя расидем.

**Эҳсоси Ватан аз оила, аз оғӯши модар сар мешавад.**

Маконе, ки инсонро ба воя расонда, ба ӯ зеботарин эҳсосро ҷой дода, дар шуури вай нахустин дониш ва малакаҳоро ташаккул медиҳад, оила мебошад.

**«Оила шохаи асосии ҷамъият мебошад, ҳамчунин ҳуқуқ дорад дар ҳифзи давлат ва ҷамъият бошад»[1].**

Президент Ислом Каримов ба оила чунин таъриф додааст: **«Дар ин дунёи равшан, то ки ҳаёт будааст, оила ҳаст. То ки оила будааст, неъмати бебаҳо ба номи фарзанд ҳаст. То ки фарзанд будааст, одамизод ҳамеша бо орзуҳои нек ва саъйу кӯшиш зиндагӣ мекунад».[1]**

Аз рӯйи ривоятҳои қадим якумин оила дар рӯйи замин аз тарафи Одам Ато ва Момо Ҳаво барпо шудааст. Одамон, халқҳо ва миллатҳои дунё аз ҳамин оила паҳн шудаанд. Барои ҳамин, инсониятро фарзандони як падару модар мегӯем, онҳоро ба дӯсту бародар шуда зистан даъват мекунем.

---

[1] O‘zbekiston Respublikasining Konstitutsiyasi, 63-modda. –T.: «O‘zbekiston», соли 2014, саҳ. 21.

[2] **Islom Karimov**. Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 56.



Пас аз ба дунё омада чашм кушодан, кӯдак аввал модаришро мешиносад, дар бағали вай паноҳ меёбад, ризқ мечӯяд. Дар оғӯши модар осоишта хоб меравад, ором мегирад. Инсон дар оила худро соҳибихтиёр ва озод ҳис мекунад. Мақоли «Дар хонаи худ ҳар гадо шаҳаншоҳест» айнан ба ҳамин мазмун гуфта шудааст.

**Чуноне ки дар дунё ҳама чиз асос дорад, оила ҳам асоси худро дорад. Онҳо — падар ва модар мебошанд.**

Модар рамзи меҳру муҳаббат, некӣ ва фидоӣ мебошад. Ӯро ба Ватан шабеҳ медонем. Ҳангоми таърифи Ватан аввало «Модар-Ватан» мегӯем. Таассуротҳо дар бораи модар ва Ватан ба ҳам монанд. Ҳам Ватан, ҳам модар барои бахти фарзанди худ ҳеҷ чизро дареғ намедоранд. Барои ҳамин, ба майдони асосии Ватани мо — майдони Мустақиллик ҳайкали «Модари Бахтиёр» гузошта шудааст.

Дар аллаи модар мавзӯи асосӣ эҳсоси Ватан. Беҳуда нест, ки дар алла «Калон шав», «Ба халқу диёр хизмат кун» мегӯянд.

**Якҷоя бо аллаи модар дар қалби кӯдак рӯҳи миллӣ ҷой мегирад. Ин рӯҳи миллӣ — эҳсоси Ватан мебошад.**

*Ривоят*

## МОДАРИ ИМОМ БУХОРӢ

Ривоят мекунанд, ки чашми Муҳаммад ибни Исмоил Бухорӣ дар кӯдакиаш ба туфайли як тасодуфи нохуш оҷиз шудааст. Модараш шабу рӯз «ба чашми писарам шифо деҳ» гӯён ба Аллоҳ илтиҷо мекардааст. Рӯзе аз рӯзҳо ба хоби модар пайғамбар Иброҳим алайҳиссалом даромада ба ӯ: «Дуоҳои ту қабул шуданд, писарат акнун шифо меёбад» гуфтааст. Баъди ҳамин, чашми Муҳаммади ҷавон кушода шудааст. Вай қарор кардааст, ки ҳаёти худро ба ҷамъоварии ҳадисҳои пайғамбар Муҳаммад алайҳиссалом мебахшад ва чун ҳадисшиноси барҷаста ба воя расидааст.



*Агар модараш дуо намекард, оё Имом Бухорӣ дар тамоми ҷаҳон шинохта мешуд?*

**Дар мамлакати мо соли 1998 «Соли оила», соли 2001 «Соли модар ва кӯдак», соли 2012 «Соли оилаи мустаҳкам» эълон карда шуд.**

Боз як сутуни оила падар мебошад. Падар — сардори оила, дар хона тимсоли адолат буда, зоте мебошад, ки ба ҳама ибрат ва намуна мешавад. Дар қадим ягон фарзанд бо хулқи хуб ё бад эътибори ҷамъиятро ба худ ҷалб кунад, дарҳол аз вай «падарат кӣ, ту фарзанди кӣ?» гуфта мепурсиданд. Чунки кӣ будани падар муҳимтарин баҳо дар бораи фарзанд ба ҳисоб мерафт.

Одатан, писарбачаҳо ба падар, духтарҳо бошанд ба модар тақлид мекунанд. Барои ҳамин, дар бораи писар гап равад «писари падар», дар бораи духтар гап равад «духтари модар» мегӯянд.

*Ривоят*

## БАЧАЕ, КИ БА БОМ НАБАРОМАДААСТ

Дар қадим ба як бача модараш: «Бачам, ба бом баромада, ҳезум парто»,– гуфтааст. Падари бача хоб будааст. Барои ҳамин, бача: «Ба болои хонае, ки падарам хоб аст, чӣ хел мебароям»,– гуфта, бедоршавии падарро мунтазир шудааст.

*Бача оҳиста, ба падараш нафаҳмонда, ба бом бароянд намешуд-мӣ?*



Дар оила мафҳуми «касби падар» ҳаст. Фарзанд касби падарро соҳиб шавад, одамон «дасти падарашро гирифтааст», «давомдиҳандаи падар мешавад», гуфта аз вай хурсанд мешаванд.

Дар асоси давом додани касби падар сулолаҳои машҳур пайдо шудаанд. Масалан, дар мамлакати мо, дар соҳаи санъат сулолаи раҷабиҳо, ки Юнус Раҷабӣ асос гузоштааст, дар соҳаи сирк сулолаи тошкентбоевҳо ва ҳоказо ҳастанд.

Ин хел сулолаҳо дар таърих ҳам бисёр. Масалан, дар диёри мо сулолаи темуриён, сулолаи бобуриён, дар Ҳиндустон сулолаи гандиҳо машҳуранд. Чунин сулолаҳо ба воситаи бузургдошти анъанаҳои оила ба бузургдошти Ватан ҳам хизмат мекунанд.

*Тарбия — ин усул ва саъйу ҳаракати зина ба зина, дар асоси омӯзишу ибрат, додани дониш ва малакаҳои зарурӣ мебошад, ки барои солим ва баркамол ба воя расидани инсон лозим аст.*

Дар оила ҳикмат, панду насиҳатҳои бобову момоҳо ҳам, ки таҷрибаи калони ҳаётӣ доранд, аҳамияти муҳим касб мекунад.

Халқи мо мегӯяд, «Парранда он кунад, ки дар лонааш дидааст». Лона гуфта, дар назар доштани боғча ё мактаб не, балки маҳз чӣ қадар таъсири калон доштани оиларо нишон медиҳад.



**Қаршӣ. Ҳайкали «Такягоҳи халқу диёр»**

> **Ҷамъият аз ҳазорҳо оила тарkиб меёбад. Барои ҳамин, оиларо асоси ҷамъият, шохаи асосии он, мегӯем.**

> *Ҷамъият шакли олии муттаҳид шуда зиндагӣ кардан аст. Чунки дар он нафақат одамон, балки гурӯҳҳои гуногун, тоифа ва қабатҳо ҳам муттаҳид мешаванд.*

Солҳои истиқлол дар диёри мо, дар шаҳри Қаршӣ бо номи «Такягоҳи халқу диёр» ба шарафи оила ҳайкал гузошта шуд.

### *Савол ва супоришҳо:*

1. Пагоҳӣ дар оила пеш аз ҳама ба кӣ салом медиҳед?
2. Оё аллаи модарро дар хотир доред?
3. Мақоли «Падар розӣ – худо розӣ»-ро чӣ хел мефаҳмед?
4. Дар бораи модар чор қатор шеър гуфта метавонед?
5. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи таъсири оила ба тарбия инсон нақл кунед.



1



2



3

# ЧЕМПИОНҲОИ ХУРДАКАК

Донишомӯзи азиз, дар роҳи ба воя расонидани авлоди солим ва баркамол спорт аҳамияти калон дорад. Барои ҳамин, дар диёри мо ба ривоҷи спорти бачагон эътибор дода мешавад.

**Соли 2002 дар Ӯзбекистон Бунёди рушди варзиши бачагон ташкил карда шуд. Раиси шӯрои пуштибонии фонд, Президент Ислом Каримов мебошад.**

Спортчиёни ҷавони мамлакати мо дар мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ ба комёбиҳои калон ноил мешаванд. Хусусан, аз рӯйи шоҳмот, ки гимнастикаи ақл ба ҳисоб меравад, аз диёри мо бисёр чемпионҳои ҷавон ба воя мерасанд.

**! Нодирбек Абдусатторов дар синни 8-солагӣ дар чемпионати ҷаҳон аз рӯйи шахмат, дар шаҳри Марибори Словения медали тиллоиро ба даст даровард.**



Нодирбек соли 2004 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст, дар мактаби 152-юми ноҳияи Юнусобод таълим гирифтааст. Ӯ солҳои 2008 ва 2010 чемпиони Ӯзбекистон, солҳои 2011 ва 2014 чемпиони Осиё шудааст.

Номи додарон, шахматчиён Ҷавоҳир ва Исломбек Синдоров ҳам барои бисёриҳо шинос. Ғалабаи калони ин писарони хурдакак ба сифати чемпионҳои ҷаҳон, ки аз одам ақлу заковат, сабри пурзӯр талаб мекунад, ба халқи мо ғурур ва ифтихори бепоён бахшид.

**! Ҷавоҳир ва Исломбек рӯзҳои 13–17-уми июни соли 2014 дар шаҳри Кавалаи Юнон, дар чемпионати ҷаҳон аз рӯйи шахмати тезкор, дар самтҳои рапид ва блитс 4-то медали тилло ба даст даровbooth.**

Дар мусобиқаҳое, ки аз бисёр давлатҳои ҷаҳон вакилон иштирок карданд, дӯстони шахматчии ҷавони мо ягон маротиба ҳам мағлуб нашудаанд.

Ҷавоҳир аз синни чоруним солагиаш ба шахмат шуғл меварзад. Ӯ ба якумин ғалаби байналхалқии худ соли 2012 дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон ноил шуд. Додари вай Исломбек ҳам соҳиби истеъдоди ноёб будани худро намоён мекунад. Дар чемпионати Осиё, ки соли 2013 дар Эрон шуда буд, вай якбора се медали тилло ба даст овард.



Президенти мо дар маърӯзаи худ, дар маросими тантанавӣ бахшида ба рӯзи Конститутсия, дар қасри анҷуманҳои байналхалқӣ, 7-уми декабри соли 2013 дар бораи Исломбек Синдоров алоҳида истода гузашта гуфт: **«ба унвони чемпиони Осиё сазовор шудани писарчаи 5-солаи мо, эътибор диҳед 5-сола, Исломбек Синдоровро мегиред-мӣ, канӣ гӯед дӯстони азиз, бо чунин комёбӣ фахру ифтихор намекунӣ магар?»**

**Аз хурдӣ ба корҳои калон, марраҳои баланд ҷаҳду кӯшиш кардан аз азал дар хуни халқҳои мо мавҷуд аст.**

Алломаҳои бузурги мо, чун Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳон Берунӣ аз кӯдакӣ истеъдоди бемисли илмӣ намоён карданд. Аз манбаъҳои таърихӣ маълум, ки шоири бузург, мутафаккир Алишер Навоӣ аз 3–4 солагӣ шеърҳои туркӣ ва форсиро аз ёд мегуфт, баъдтар худ ҳам ғазалҳо навишт. Боз яке аз аҷдоди мо Заҳириддин Муҳаммад Бобур бошад, дар 12-солагӣ ба тахти Андиҷон нишаста, давлати аз падар мондаро идора кард.

Мо дар тимсоли чемпионҳои ҷавон, ки номашон зикр шуд, давомдиҳандагони муносиби аҷдодро мебинем. Ба таъбири халқ гӯем, ба ҷӯйи обгузар боз об меояд. Баробари ҳамин, ин комё-





биҳо натиҷаи он аст, ки дар Ӯзбекистон дар қатори ҳамаи намудҳои спорт ба ривоҷи шахмат ҳам эътибор калон мебошад.

Ба фикри мутахассисон, шумораи писару духтароне, ки дар мамлакат ба шахмат машғуланд, сол ба сол меафзояд. Имрӯз дар диёри мо аз 8 ҳазор зиёдтар маҳфилҳои шахмат фаъолият бурда, бештар аз 150 ҳазор шахматчиёни ҷавон, аз ҷумла, бештар аз 76 ҳазор духтарон дар он мунтазам иштирок мекунанд.

**Солҳои истиқлолият дар таърихи диёри мо фарзанди Ӯзбекистон бори аввал аз рӯйи шахмат чемпиони ҷаҳон шуд. Рустам Қосимҷонов соли 2004 дар пойтахти Ливия — шаҳри Триполӣ соҳиби тоҷи шахмати ҷаҳон шуд.**

**Боз як воқеаи муҳим, ки дар таърихи спорти шахмати ӯзбек саҳифаи мунаввар гардид, аввалин шуда аз байни занону духтарони диёри мо ба унвони гроссмейстери байналхалқӣ, ки аз тарафи ФИДЕ дода мешавад, сазовор шудани Нафиса Мӯъминова мебошад.**

Президенти мамлакати мо Ислом Каримов комёбиҳои спортчиёни моро ҳеҷ гоҳ аз эътибор берун намемонад. Онҳоро бо ғалабаҳо ба даст оварда табрик намуда, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо, мукофотҳои давлатӣ тақдир мекунад.

Аз рӯйи ҳамин анъана, 28-уми марти соли 2013 ба Нодирбек Абдусатторов, 18-уми июни соли 2014 ба Ҷавоҳир ва Исломбек Синдоровҳо тӯҳфаҳои сарвари мамлакат супорида шуд.

Ин хел қаҳрамонҳои хурдакак – фарзандони истиқлол. Комёбиҳои асосӣ, марраҳои калон-калони ин писарон, ки ба туфайли истиқлолият истеъдод ва қобилияти худро намоиш додаанд, ҳоло дар пеш аст. Дар ҳаёти онҳо ин хел рӯзҳои шодбахш ва пурҳаяҷон ҳоло бисёр мешаванд. Дар айни замон, рӯзи додани тӯҳфаи Президент, ба ин чемпионҳои хурдакак, ки «Мо аз ҳеҷ кас кам нестем» гуфта, саъю кӯшиш мекунанд, албатта, яке аз мунавввартарин рӯз дар ҳаёти онҳо хоҳад шуд.

Боварӣ дорем, ки Шумо ҳам, барои ҷой гирифтан аз сафи чунин ҷавонон, барои мушарраф шудан ба эҳтирому эътибори халқу кишвар дар ҳаёт, дар хониш ҳамеша пешсаф мешавед.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо ба кадом намуди спорт шавқ доред?
2. Дар қишлоқ ё маҳаллаи Шумо барои машғул шудан ба спорт чӣ хел имкониятҳо ҳастанд? Шумо аз он истифода мебаред?
3. Аз спортчиёни машҳури мо боз киҳоро медонед? Ба онҳо монанд шуданро орзу мекунед?
4. Дар расмҳо кадом бозиҳои спортӣ акс ёфтаанд?



1



2



3

5. Ба фикри Шумо, ба спорт машғул шудан чӣ фоида дорад?

## МУҲАББАТ БА ВАТАН

Донишомӯзи азиз, бузургтарин орзу дар қалби инсон — хизмат кардан ба падару модар, халқу кишвар, аз таҳти дил ба ҷо овардани қарзи фарзандии худ дар назди онҳо мебошад. Барои расидан ба ин орзу, бояд аз хурдӣ ба пеши худ мақсади муайян гузошта, дониш ва ҳунарҳои замонавиро омӯхта, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ пурқувват шуданамон лозим.

**«Ҳақиқати таърих нишон медиҳад, ки ба корҳои бузург одаме қодир мешавад, ки дар рагҳояш ғурури миллӣ, ишқи Ватан ҷӯш мезанад»[1].**

Меҳру муҳаббат ба Модар-Ватан ба одамони оддӣ ҳам қувваю қудрати азим, азму шуҷоат бахшида, онҳоро ба ҷасоратҳои бемисл ҳидоят мекунад. Масалан, ривоятро дар бораи Шерак ба хотир биёрем. Шерак — чӯпони оддӣ. Вай яроқу аслиҳа надорад. Фақат ба Ватан муҳаббати бепоён дорад. Ана ҳамин эҳсоси бузург ӯро ба мубориза и яккаю ягона ба муқобили душман такон медиҳад. Вай дар дасти душман ба ҳалокат расидани худро донад ҳам ин марг дар роҳи мақсади олӣ — озодии Ватан буданашро хуб дарк карда, аз он наметарсад. Вай ба воситаи қаҳрамонии худ исбот намуд, ки ҳеҷ гоҳ бо зулм ва истилогарӣ як халқи томро мағлуб карда намешавад, чунки фарзандони марди он асло ба ин роҳ намедиҳанд.

Фарзандони нотарс ва баҳодур ба мисли Шерак дар ҳамаи халқҳои ҷаҳон буданд. Чунки ҳаёти орому осуда, бахту саодати ҳар як халқ ба фарзандони мард ва баҳодури он вобаста аст.

---

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 90.

*Ривоят*

## ЯК ПОРЧА ЗАМИН

Дар қадим ба як кишвар душман зада даромаданӣ шудааст. Лекин подшоҳи ин кишвар хеле донишманд, оқил ва сулҳпарвар будааст. Вай барои роҳ надодан ба хунрезӣ ба сарлашкари душман аспи даванди зотии худро ҳадя намудааст. Аммо душман «ҷанг сар мекунем» гӯён ҷар андохтааст. Подшоҳ боз бо тамкин ба сарлашкари душман шамшери тиллоии худро инъом кардааст. Вале душмани маккор бо ин ҳам кифоят накардааст. Вай: «аз замини бекорхобидаи ҳудуди мамлакати худ як порча замин медиҳӣ, набошад халқатро ба хун оғушта мекунем», гуфта шарт мондааст. Подшоҳ аз қатъият пур шуда, ба лашкар фармон додааст: «Эй, писарони марди Ватан, ба мубориза бархезед! Душмани маккор ба хоки муқаддаси мо чашм ало мекунад. Як ваҷаб ҳам замини Ватанро, ки мерос аз падару бобоён аст, ба душман намедиҳем», гуфта лашкари худро ба ҷанг даровардааст.



*Канӣ гӯед, ки шамшери тиллоӣ боқадр аст ё як порча замин?*

Дар афсонаҳо, суруду достонҳои халқҳои ҷаҳон ҳам мардӣ ва фидоӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ мебошад. Масалан, дар достонҳои қадимӣ аз қабили «Махабхарата», «Рамаяна»-и ҳиндҳо, дар тимсоли қаҳрамонҳои афсонавии юнонӣ аз қабили Прометей, Антей, Геракл ва Одиссей, паҳлавонҳои барои тамоми халқҳои Шарқ умумӣ ба монанди Рустами достон, Сӯҳроб, Сиёвуш, Фарҳод ҳамин хел фазилатҳо васф мешаванд.

Дар афсонаҳои «Се баҳодурон», «Симурғ ва Бунёд», «Тоҳир ва Зӯҳро», дар достонҳои «Алпомиш», «Гӯрӯғлӣ» мардӣ ва некӯӣ тараннум шудаанд. Аҷдоди мо, ки дар ҳамин руҳ тарбия ёфтаанд, ба Ватан бо муҳаббат зистанро муқаддастарин қарзи худ медонистанд.

**«Дар тимсоли баҳодури мағлубнашавандаи халқи мо – Алпомиш, мо қиёфаи маънавии писарони азамат – алпомишҳои имрўзаро мебинем, ки қодиранд Ватани моро аз чашмҳои бад, балову қазоҳо нигоҳ доранд, тайёранд дар ин роҳ лозим шавад ҷони худро ҳам фидо кунанд».**[1]



Фикр ва мисолҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки ба воя расондани авлоди солим ва баркамол асоси чуқури таърихӣ ва маънавӣ дорад.

Дар диёри мо ҳар як ҷавон пеш аз ба хизмати ҳарбӣ, ки қарзи муқаддаси вай дар назди халқ ва Ватанаш аст, либоси аскарӣ пўшида қасамёд қабул мекунад (савганд мехўрад).

Шумо ҳайкали «Қасамёд ба Ватан»-и Тошкандро дар телевизор дидаед. Ин обида, ки ба шарафи ҳимоятгарони Ватан барпо шуд, акси бадеии чунин маросим аст.

Мисолҳо нишон медиҳанд, ки эҳсоси муҳаббат ба Ватан дар қалби инсон чуқур ҷой гирад, вайба қувваи пурқудрат табдил меёбад. Агар ин эҳсос ба дили ҳазорҳо, миллионҳо ҷавонон ҷой гирад, ин хел қувваро ҳеҷ кас мағлуб карда наметавонад.

Президент Ислом Каримов нерўи мағлубнопазир будани маънавияти волоро алоҳида таъкид намуда, китоби худро, ки ба ҷавонон бахшидааст, айнан ҳамин хел номидааст.

Шумо нағз медонед, ки шеъри шоири халқии Ўзбекистон Абдулло Орипов «Мен нечун севаман Ўзбекистонни?» дар иҷрои санъаткорон суруда мешавад. Ин шеърро хонда, ба са-

---

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 34.

воли «Мен нечун севаман Ўзбекистонни?» гўё ҷавоб меёбем. Онро шоир Паймон ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

**Ватанро фақат барои боигариҳои беназираш, барои табиати дилрабо ва шароитҳои муҳайё дўст намедоранд. Сарфи назар аз чӣ хел будани иқлим, табиати Модар-Ватан, он макони муқаддас аст, ки ба ягон чиз иваз намешавад, дар он ҷон ва руҳи кас ором меёбад.**

**«Мисле, ки мо туркистониён[1] Ватани худро бештар аз ҷон дўст медорем, арабҳо Арабистонро бо регзору чўлҳои гармаш, эскимосҳо[2] тарафҳои шимоли худро бо хунуктарин заминҳои барфпўш ва пиряххояш аз дигар ҷойҳо зиёдтар дўст медоранд. Агар дўст намедоштанд, ба ҷойҳои хушҳаво ва шароити зисташ осонтар ҳиҷрат мекарданд».**

Қаҳрамонӣ, мардӣ, фидоӣ будан имрўзҳо ҳам бузургтарин фазилат мебошанд. Суханони зерини Президент моро айнан ба дарки ҳамин ҳақиқат даъват мекунад:

**«Эй авлоди навқирони Ўзбекистони бузург! Орзуву кўшишҳо, мақсадҳои пешбинишуда, корҳои Шумо дар ин ҳаёт бисёр. Лекин, ҳеҷ вақт аз хотир набаоред, ки вазифаи бузургтарин ва муқаддастарини Шумо — чун гавҳараки чашм ҳимоя кардани истиқлолияти Ватан, соҳибихтиёрӣ ва озодии халқ, амнияти он мебошад»[3].**

Алломаи бузурги хоразмӣ Наҷмиддин Кубро ҳангоми бо сарварии Чингизхон, ба диёри мо зада даромадани қушунҳои

---

[1] То соли 1924, яъне то аз тарафи болшевикон гузаронидани тадбирҳои тақсимоти миллӣ-маъмурӣ дар Осиёи Миёна, ҳудуди Ўзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистони ҳозира бо номи умумии Туркистон ва мардуми ин сарзамин туркистониён ном гирифта мешуданд.

[2] **Эскимосҳо** — халқе, ки дар кишварҳои наздикии қутби шимол зиндагӣ мекунад.

[3] Рўзномаи «Xalq so‘zi», 1-уми сентябари соли 2000.

муғул хеле пир шуда буд. Душман обрўву эътибори он зотро ба ҳисоб гирифта, барои баромадан аз шаҳри муҳосирашудаи Кўҳна Урганч ба ў иҷозат медиҳад. Лекин аҷдоди мард ва донишманди мо ба ин шарт розӣ намешавад. Вай бо ҳамдиёрони худ якҷоя Модар-Ватанро ҳимоя карда, қаҳрамонона ҳалок мешавад.

Ватани азизи моро, ки дар давоми ҳазорҳо сол аҷдоди мо чун гавҳараки чашм нигоҳ доштаанд, дўст дошта, чун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, зистан олитарин қарзи мо мебошад.

**Ватанро дўст надоштан — ин маҳрумӣ аз олитарин ҳиссиёти инсонӣ, бепарвоӣ ба тақдири Модар-Ватан ин яъне ба дасти бегонагон супоридани он мебошад.**

Фарзанди ҳақиқӣ Ватанро дўст медорад, барои нигоҳ доштан ва равнақи он тамоми қувва ва имкониятҳошро мебахшад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар бораи Ватан кадом шеър ё мақол медонед?
2. Дар бораи инсонҳои қаҳрамон, ки барои озодии Ватан мубориза бурдаанд, нақл кунед.
3. Дар расмҳо эҳсоси муҳаббат ба Ватан чӣ хел акс ёфтааст?


1


2



3

4. Аз суруди «Мен нечун севаман Ўзбекистонни?» як порча хонда метавонед?

# СОҲИБҚИРОН АМИР ТЕМУР

Донишомӯзи азиз, сухан дар бораи Ватан, дар бораи муҳаббат ба Ватан равад, аввало аҷдоди қаҳрамони худро ба ёд меорем. Соҳибқирон Амир Темур ҳам чунин зоти бузург аст.

**Амир Темур 9-уми апрели соли 1336 дар Кеши қадим, дар деҳаи Хӯҷаилғори назди Шаҳрисабзи имрӯза таваллуд ёфта, падараш бо номи Амир Тарағай, модараш бо номи Такинабегим машҳур мебошанд.**

*Калимаи соҳибқирон маънои инсони ғолиб ва босаодат, дар бурҷи қирон, вақти ба ҳам наздик омадани сайёраҳои Зуҳра ва Муштарӣ, таваллудшударо ифода мекунад.*

**Амир Темур нафақат дар Ватани мо, балки дар таърихи ҷаҳон ҳамчун яке аз шахсҳои нодир эътироф шуда, бо шавқи зиёд омӯхта мешавад.**

Соҳибқирон дар шароити хеле душвор ва мураккаби таърихи диёри худ — замини Туркистони қадимро, ки ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистонро ҳам дар бар мегирад, аз зулми муғулҳо озод кард. Баъд, ба давлати пурқудрат асос гузошт, ки дар таърихи ҷаҳон бо номҳои «Амир Темур ва давлати Темуриён», «Амир Темур ва даври темуриён», «Амир Темур ва ренессанс (эҳё)-и темуриён» ҷой гирифт. Дар таърихи ҷаҳон чунин инсонҳо кам.

*«Темуриён» гуфта, фарзандони Амир Темур ва тамоми авлоди онҳоро мефаҳмем, ки корҳои ӯро давом додаанд.*

Вақте, ки Амир Темур ба ҳаёти калон қадам мемонд, диёри мо тобеи душман буд. Номи муғулро шунида, зонуи ҳама меларзид. Ҳатто, амаки Амир Темур, ҳокими вилояти Кеш Амир хоҷа Барлос ҳам, ки бо баҳодурии худ ба унвони баланди «баҳодур» сазовор шуда буд, аз қаҳри хонҳои муғул метарсид. Вай,




**Тошканд. Ҳайкали Амир Темур**

барои ҷазодиҳии халқи Мовароуннаҳр омадани хони муғул Туғлуқ Темурро шунида, аз Амударё гузашта, ба кишварҳои хориҷ меравад. Ҷияни 24-солаи вай Темурбек бошад, аз амакаш иҷозат гирифта, ба ақиб бармегардад.

Муғулҳо ба ҷасорати Амир Темур тан дода, ўро доруға, яъне сардори вилояти Кеш таъин мекунанд.

Амир Темур саркардаи бузург, сиёсатчии донишманд буд. Вай чунин ҳисоб мекард, ки ғалаба ба бисёрии аскар, мағлубият ба камии лашкар не, балки ба мадади парвардигор ва тадбири бандааш вобаста аст.

**«Аз таҷриба дида шудааст, ки як каси кордони соҳиби мардӣ, шуҷоат, азми қатъӣ, тадбиркор ва ҳушёр аз ҳазорҳо касони бетадбир, лоқайд хубтар мебошад»[1].**

[1] Temur tuzuklari. –Т.: иттиҳодияи нашриётӣ-матбаавии ба номи Ғафур Ғулом, соли 1991, саҳ. 15.

*Як одам кори ҳазор касро карда метавонад? Шумо инро чӣ хел шарҳ медиҳед?*

Амир Темур дар ҳаёт ба ин гуфтаҳо қатъиян амал мекунад. Масалан, дар ҷанг барои қалъаи Қаршӣ бо 243 нафар аскари худ аз болои қӯшуни иборат аз 12 ҳазор нафараи душман ғалаба мекунад. Ин дар ҳақиқат нишон медиҳад, ки як каси тадбиркор ва ҳушёр аз ҳазорҳо одамони бетадбир ва лоқайд афзал мебошад.



**Самарқанд. Ҳайкали Амир Темур**

**Амир Темур дар ҳар соҳа адолатро меъёри асосӣ медонист. Аз рӯйи шиори «Қувва – дар адолат» мезист.**

**Дар китоби «Тузукот»-и соҳибқирон таҷрибаҳои ӯ дар боби идораи давлат, амалӣ кардан корҳои ҳарбӣ, маслиҳат ва нишондодҳои вай ба авлодҳо баён шудаанд.**

«Дар ҳар мамлакат дари адолатро кушодам, роҳи зулму ситамро бастам»,– менависад, бобои бузурги мо дар «Тузукот».

**Амир Темур инсони бузурги бунёдкор буд.**

Шумо дар бораи обидаҳои таърихӣ-меъмории шаҳрҳои қадимӣ аз қабили Самарқанд, Бухоро, Шаҳрисабз, Қаршӣ, Тирмиз, Тошканд, Марғилон медонед. Дар байни онҳо биноҳое ҳам ҳастанд, ки Амир Темур барпо кардааст. Он зот дар шаҳр ва атрофи Самарқанд 14-то боғи азим барпо кунонидааст.

**Амир Темур пуштибони илму маърифат, маданият, адабиёт ва санъат буд.**

Дар замони ӯ шаҳрҳои зикршуда ба маркази илму фан, маданият, меъморӣ, адабиёт ва санъат табдил ёфтанд.

**Дар замони Амир Темур ва темуриён алломаҳо Мирзо Улуғбек, Алӣ Қушчӣ, азизу авлиёҳо Баҳоуддин Нақшбанд, Хӯҷа Аҳрори Валӣ, шоирон мавлоно Лутфӣ, Саккокӣ, Атоӣ, Алишер Навоӣ, рассомон Маҳмуд Музаҳҳиб, Камолиддин Беҳзод ба воя расиданд.**

Баъди ба истиқлолият ноил шудани мо чун ҳамаи аҷдоди мо ба хотираи Амир Темур ҳам эҳтироми воло зоҳир мешавад.

**31-уми августи соли 1993 дар Тошканд ҳайкали Амир Темур кушода шуд. Соли 1996 дар мамлакати мо «Соли Амир Темур» эълон шуд. 26-уми апрели ҳамон сол ордени «Амир Темур» таъсис ёфт.**

**Соли 1996 дар шаҳри Тошканд музейи давлатии таърихи Темуриён, дар шаҳрҳои Самарқанд ва Шаҳрисабз бошад, ҳайкалҳои бобои соҳибқирони мо кушода шуд.**



**Музейи давлатии таърихи Темуриён**

Хиёбони марказӣ ва кӯча, истгоҳи метро дар шаҳри Тошканд Амир Темур ном гирифтанд. Дар дигар шаҳрҳои мамлакат ҳам бо номи аҷдоди бузурги мо масканҳо бисёр мебошанд.

Хулоса карда гӯем, ном ва хотираи муборак, мероси таърихии бобои соҳибқирони мо қадр карда шуда, ба қисми ҷудонашаванадаи ҳаёти маънавии мо табдил ёфтанд ва ба бунёди давлат ва ҷамъияти нав дар диёри мо хизмат мекунанд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Оё дар шаҳр ё қишлоқи Шумо ба номи Амир Темур ягон ҷой ё маскан ҳаст?
2. Ба фикри Шумо, барои муносиб шудан ба бобои мо Амир Темурбек чӣ кор кардан даркор?
3. Аз рӯйи расмҳо гӯед, ки ин ҳайкалҳо дар кадом шаҳрҳои диёри мо ҷой гирифтаанд.



1


2


3

4. Ҳаракат кунед, ки маънои шиори «Қувва – дар адолат»-ро фаҳмонед.

# ТАКРОР

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ВАТАН – ЯГОНА ВА МУҚАДДАС»

1. Фикрҳои Абдулло Авлониро дар бораи Ватан гӯед.
2. Сидқӣ Хондайлиқӣ оид ба Ватан сатрҳои шеърӣ навиштааст?
3. Ватани хурд андар Ватан гуфта чиро мефаҳмем?
4. Маънои калимаҳои «маҳалла» ва «қишлоқ»-ро фаҳмонед.
5. Маънои калимаи «шаҳр»-ро фаҳмонед.
6. Дар расмҳо кадом фаслҳои соли диёри мо акс ёфтаанд?


1


2


3

## ТЕСТҲО

**1. Ватан гуфта чиро мефаҳмем?**

А) Ҷойе, ки хуни ноф рехтааст
В) Ҷойе, ки араҷи пешона рехтааст
Б) Ҷойе, ки оби чашм рехтааст
Г) Ҷойе, ки ризқ насиба рехтааст

**2. Калимаи «Маҳалла» кадом маъноро ифода мекунад?**

А) Маънои ҷойро
Б) Маънои модарро
В) Маънои Ватанро
Г) Маънои гузарро

**3. Калимаи «Қишлоқ» кадом маъноро ифода мекунад?**

А) Маънои зимистони хунукро
Б) Маънои замини каноририро
В) Маънои ҷойи зимистон гузарониро
Г) Маънои ҷойи корро

**4. Калимаи «шаҳр» кадом маъноро мефаҳмонад?**

А) Маънои ҷойеро, ки аҳолӣ зич зиндагӣ мекунад
Б) Маънои мамлакатро
В) Маънои ватани ҳунармандонро
Г) Маънои ҷойи ободро

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ДАРКИ ВАТАН»

1. Дар бораи хусусиятҳои ба худ хоси ҳар як ҳудуди Ватани мо чиҳоро медонед?
2. Аломатҳои ҳаёти муқимиро нақл кунед.
3. Кадом ҳикояро дар бораи Ватани дил медонед?
4. Дар бораи ҷасорати саркардаи бузург Ҷалолиддин Мангубердӣ ва фикрҳои Президент Ислом Каримовро дар бораи он нақл кунед.
5. Оё лавҳаҳои ин расмҳо бо дарки Ватан вобастаанд?








## ТЕСТҲО

**1. Кадом неъмати Самарқанд машҳур аст?**

А) Ош
Б) Кабоби танӯрӣ
В) Лағмон
Г) Нон

**2. Аломатҳои ҳаёти муқимиро дар чиҳо дидан мумкин?**

А) Дар зиндагӣ дар як ҷойи муқим
Б) Дар зиндагӣ дар соҳили баҳрҳо
В) Дар шуғли чорводорӣ
Г) Дар кӯчида гаштан аз як ҷой ба ҷойи дуюм

**3. Номи ҳикоя дар бораи Ватани дил**

А) «Ҳелладос»
Б) «Юнонистон»
В) «Ҷанг ва сулҳ»
Г) «Бачаи шум»

**4. Аҷдоди бузурги мо Ҷалолиддин Мангубердӣ кӣ буд?**

А) Саркардаи бузург
Б) Шоир ва алломаи бузург
В) Аскари оддӣ
Г) Ҳокими шаҳри Самарқанд

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ЭҲСОСИ ВАТАН»

1. Дар асари «Маугли» дар бораи чӣ ҳикоя карда мешавад?
2. Барои чӣ эҳсоси Ватан ба инсон як умр ҳамроҳ ва ҳамнафас мешавад?
3. Қабри Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар куҷо?
4. Фидоӣ гуфта чиро мефаҳмед?
5. Дар расмҳо эҳсоси Ватан чӣ гуна акс ёфтаанд?








## ТЕСТҲО

**1. Дар асари «Маугли» дар бораи чӣ ҳикоя карда мешавад?**

А) Дар бораи бачае, ки ба муҳити ҳайвонҳо одат кардааст
Б) Дар бораи бачае, ки падару модарашро ёд кардааст
В) Дар бораи гурбае, ки ба муҳити одамон одат кардааст
Г) Дар бораи ҳайвонҳои ёбоӣ

**2. Эҳсосе, ки ба инсон як умр ҳамроҳ ва ҳамнафас мешавад**

А) Эҳсоси пазмонӣ
Б) Эҳсоси сабр
В) Эҳсоси Ватан
Г) Эҳсоси варзидагӣ

**3. Маънои калимаи «аллома» чист?**

А) Олими олимон
Б) Шоири бузург
В) Олими таърихшинос
Г) Саркардаи бузург

**4. Номи шаҳреро ёбед, ки 15–16-уми майи соли 2014 конференсияи байналхалқӣ шуда гузаштааст.**

А) Тошканд
Б) Ҷиззах
В) Самарқанд
Г) Қӯқанд

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ОИЛА – ТИМСОЛИ ВАТАН»

1. Президент Ислом Каримов ба оила чӣ хел таъриф додааст?
2. Маънои ҳикмати «Дар хонаи худ ҳар гадо шаҳаншоҳест»-ро фаҳмонда метавонед?
3. Барои чӣ модарро ба Ватан монанд мекунем?
4. Кадом сулолаҳои машҳурро медонед
5. Кӯшиш кунед мақоли «Парранда он кунад, ки дар лонааш дидааст»-ро фаҳмонед.
6. Аз рӯйи расмҳо оид ба аҳамияти оила дар ҳаёт нақл кунед.


1


2


3

## ТЕСТҲО

**1. Ватанро тасаввур кунем, аз хаёламон аввал чиҳо мегузарад?**

А) Зодгоҳ ва хонаи таваллудшуда
Б) Мактаби мо
В) Дафтари мо
Г) Кӯчаи мо

**2. Номи ҳайкал дар майдони «Мустақиллик»?**

А) «Такягоҳи халқу диёр»
Б) «Модари Бахтиёр»
В) «Модари мотамсаро»
Г) «Арки Некӣ»

**3. Қатори номи сулолаҳои машҳурро нишон диҳед.**

А) Муаллимон, шифокорон
Б) Олимон, шоирон, зиёиён
В) Муҳандисон, меъморон
Г) Темуриён, бобуриён

**4. Барои чӣ оиларо асоси ҷамъият мегӯем?**

А) Барои он, ки ҷамъият аз ҳазорҳо оила ташкил ёфтааст
Б) Барои он, ки инсон дар оила ташаккул меёбад
В) Барои он, ки вақти асосӣ дар оила мегузарад
Г) Барои он, ки оила қалъаи муқаддас мебошад

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «МУҲАББАТ БА ВАТАН»

1. Бузургтарин орзуи инсон чӣ аст?
2. Кадом эҳсос ба Шерак қувва ва боварӣ бахшид?
3. Президент Ислом Каримов дар китоби «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир» дар бораи Алпомиш чӣ гуфтааст?
4. Аз байни расмҳо ҳайкали «Қасамёд ба Ватан»-ро ёбед.










5. Шумо ҳам ҳарбӣ шуда, тантанавор қасамёд карданро мехоҳед?

## ТЕСТҲО

**1. Бузургтарин орзу барои инсон чӣ аст?**

А) Саёҳати ҷаҳон кардан
Б) Соҳиби касбу ҳунар донишу маърифат шудан
В) Ба падару модар, халқу диёр беминнат хизмат кардан
Г) Аз дигарон ақиб намондан

**2. Суханони «Ҳақиқати таърих нишон медиҳад, ки ба корҳои бузург одаме қодир мешавад, ки дар рагҳояш ғурури миллӣ, ишқи Ватан ҷӯш мезанад» аз кадом китоби Президент Ислом Каримов гирифта шудаанд?**

А) Аз китоби «Оллоҳ қалбимизда, юрагимизда»
Б) Аз китоби «Юксак маънавият — енгилмас куч»
В) Аз китоби «Ватанга қасамёд – мардлик ва жасорат мадҳияси»
Г) Аз китоби «Ватан саждагоҳ каби муқаддасдир»

**3. Кадом эҳсос ба Шерак қувва ва боварӣ бахшидааст?**

А) Боварии комил ба худаш
Б) Нағз донистани душман
В) Бисёр будани дӯстон
Г) Меҳру муҳаббати бепоён ба модар-диёр

**4. Ҳайкали «Қасамёд ба Ватан» дар кадом шаҳр барпо шудааст?**

А) Самарқанд
Б) Тошканд
В) Тирмиз
Г) Қаршӣ

# *Боби дуюм.* МОДАР-ВАТАНИ МО – ИФТИХОРИ МО

## ЎЗБЕКИСТОН НОМ ДОРАД

Донишомӯзи азиз, акнун сӯҳбати мо дар бораи Модар-Ватан – Ўзбекистон мешавад. Ин сӯҳбат-саёҳати хеле аҷиб мебошад.

**Ўзбекистон яке аз кишварҳои қадима ва бетакрор дар ҷаҳон аст. Он дар қисми марказии қитъаи Осиё, яъне дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷой гирифтааст.**

*«Минтақа» калимаи арабӣ буда, маъноҳои самт, сарҳад, ҳудудро ифода мекунад.*

Ўзбекистон дар шимоли шарқӣ бо Қирғизистон, дар шимол ва шимоли ғарбӣ бо Қазоқистон, дар ҷануби ғарбӣ бо Туркманистон, дар ҷануби шарқӣ бо Тоҷикистон, дар ҷануб қисман бо Афғонистон ҳамсарҳад аст.

**Майдони умумии Ўзбекистон 447 ҳазору 400 километри квадратӣ буда, аз панҷ чор қисми он ҳамворӣ, қисми каме аз кӯҳ, адирҳо, ва доманакӯҳҳо иборат аст.**

Аз ҳудуди Ўзбекистон калонтарин дарёҳои Осиёи Марказӣ — Амударё ва Сирдарё ҷорӣ мешаванд. Дар қисми шарқӣ ва ҷануби шарқии мамлакат кӯҳҳои Тёншон, Олой, Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор ҳастанд. Дар байни ин кӯҳҳо водиҳои калон ба монанди Фарғона, Зарафшон, Китоб-Шаҳрисабз, Сурхон-Шеробод, Чирчиқ-Оҳангарон ҷойгиранд. Қисми асосии аҳолӣ дар ҳамин водиҳо истиқомат мекунад.

**Пойтахти Ватани мо шаҳри Тошканд. Ўзбекистон аз як республика ва 12 вилоят ташкил ёфтааст. Онҳо Республикаи Қорақалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах, Навоӣ, Намангон, Самарқанд, Сирдарё, Сурхондарё, Тошканд, Фарғона, Хоразм, Қашқадарё.**

**«Тамоми ҳар яке аз вилоят, ноҳия, ҳар як шаҳру қишлоқи Ватани мо — қиёфа, файзу таровати ба худ хос дорад»[1].**

Одаме, ки як бор Ўзбекистонро дидааст, бешубҳа, онро дўст медорад. Ба диёри мо ҳазорон сайёҳон ташриф оварда, онҳо бо ҳаяҷон нақл мекунанд, ки ин сарзамини ботароват ва офтобӣ онҳоро ба худ мафтун кардааст.

**Ўзбекистон аз рўйи захираи тилло дар ҷаҳон дар ҷойи чорум меистад. Дар мамлакати мо инчунин захираи бойи канданиҳои минералии нефт ва газ, мис, нуқра, литий, фосфор, калий, 20 кони мармар, 15 кони гранит ва сангҳои қимматбаҳо мавҷуданд.**

Ўзбекистон яке аз мамлакатҳои нодири ҷаҳон мебошад, ки дар он чор фасли сол пурра намоён мешавад. Заминҳои барои киштукор қулай, дарё ва конҳо, табиати ноёб, шаҳру қишлоқҳои обод, корхонаҳои зиёди саноатӣ, роҳҳои оҳан ва нақлиёт, масканҳои таълиму тарбия, тиббиёт, маданияти диёри мо — ин ҳама боигарии миллии мо мебошанд.

Шумо автомобилҳои сабукрави «Нексия», «Дамас», «Матиз», «Ласетти», «Спарк», «Кобалт», «Малибу», «Орландо», автобуси «Сузуки», боркашони «Ман»-ро дидаед. Ин машинаҳо дар заводҳои автомобилсозии шаҳрҳои Асака ва Самарқанд, ки солҳои истиқлолият кор сар карданд, истеҳсол мешаванд.

---

[1] **Islom Karimov.** Xalq ishonchi – oliy mas'uliyat. –T.: хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston», соли 2000, саҳ. 225.




**Мамлакати мо яке аз 28 давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки дорои саноати автомобилсозӣ мебошад.**

Сад фоиз саводнок будани аҳолии мамлакати мо боигарии бузурги маънавии мо мебошад. Обидаҳои нодири шаҳрҳои қадимаи Самарқанд, Бухоро, Хева, Тошканд, Қаршӣ, Тирмиз, Кармана, Шаҳрисабз, Марғилон, Қӯқанд ҳам ифтихори мо.

Дар институтҳои гуногун, китобхона ва музейҳои мамлакати мо дастнависҳои хеле нодир мавҷуданд. Китоби зардуштӣ «Авесто» ҳам дар диёри мо – Хоразми кӯҳан офарида шудааст.

**Аз шаш ҳадисшинос, ки дар олами мусулмон эътироф шудаанд, се нафар фарзандони сарзамини мо. Инҳо – Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ ва Имом Насоӣ.**

## КИТОБИ БУЗУРГИ БОБОИ БУЗУРГИ МО



Ҳамватани азиз, дар олам китобҳои шавқовар ва фоиданок бисёр. Лекин дар байни онҳо китобҳое, ки барои ҳама як хел арзиш дошта, ҳазорсолаҳо гузаранд ҳам қиммати аслии худро гум намекунанд ангуштшумо-

ранд. Ҷиҳате, ки мо бо он фахр кунем меарзад, он аст, ки бузургтарин китоби бо ақлу заковати инсонӣ офаридашуда ба номи аҷдоди бузурги мо Имом Бухорӣ вобаста аст. Ин айни ҳақиқат, ки олами мусулмон эътироф кардааст.

**«Китоби «Ал-ҷомеъ-ас-саҳеҳ»[1] , ки гултоҷи мероси ин зоти мӯътабар мебошад, дар дини ислом пас аз Қуръони Карим дуюмин манбаъ буда, назар ба эътиқоди аҳли ислом, он бузургтарин китоб ба ҳисоб меравад, ки башарият офаридааст. Мана дувоздаҳ аср аст, ки ин китоб қалби миллионҳо инсонҳоро бо нури имон мунаввар гардонида, ба роҳи ҳақ ва диёнат даъват мекунад»[2].**



*Донишомӯзи азиз, Шумо боз кадом китобҳои бузургро медонед?*

Дар қадим Роҳи Бузурги абрешим, ки аз Хитой сар карда Шарқу Ғарбро мепайваст, аз ҳудуди Ватани мо мегузашт. Ба воситаи ин роҳ ба кишвари мо баробари мол ва маҳсулотҳои зарурӣ аломатҳои маданияти халқҳои гуногун ҳам омадааст.

*Бинобар матоъҳои абрешимиро аз Хитой ба Европа бурда, барои ба ҳам пайвастани қитъаҳо, халқу миллатҳо хизмат карданаш ин роҳ Роҳи бузурги абрешим ном гирифт.*

Солҳои истиқлолият дар роҳи ба боигариҳои миллии мо зам кардани боигарӣ корҳои азим карда мешаванд. Хусусан, барои нафақат аз ҷиҳати моддӣ, балки аз ҷиҳати маънавӣ ҳам аз ҳеҷ кас кам нашуда, ба воя расидани вакилони чун Шумо авлоди ҷавон, тамоми шароит фароҳам оварда мешавад.

---

[1] «Ал-ҷомеъ ас-саҳеҳ» – маҷмӯи ҳадисҳои саҳеҳ.

[2] **Islom Karimov.** Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ.38.

**Боигарии калони мо – халқи мард ва баори мо мебошад, ки Ватанро дӯст дошта, ҳар як ваҷаб заминашро ба чашм тутиё карда, бо нияти пок, мақсади наҷиб зиндагӣ мекунад. Халқи мо – қувваи пурқудрат, бунёдкор мебошад, ки соҳиб, офаридгори тамоми боигариҳои диёр буда, онро безаволона эҳтиёт карда, нигоҳ медорад.**

Ўзбекистон яккаю ягона Ватани мо дар рӯйи Замин. Ҳам рӯзҳои нек ва ҳам рӯзҳои бади мо дар оғӯши ҳамин сарзамини муқаддас мегузарад. Хоки аҷдод, хотираи бобоён, аллаи момоён, имрӯзи мо, фардои мо — тамоми ҳаёту мамоти мо ба равнақи ҳамин Ватан вобаста. Ҳамин тавр, ки бошад, барои ин диёр, ки дар он ба воя расидаем, дар хоки муқаддасаш изи пойи мо мондааст, ҳар рӯз, ҳар дақиқа аз неъматҳои бебаҳои он баҳраманд мешавем, ҳамеша омодаи хизмат шудан лозим.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо шоир шавед, меҳри худро ба Ўзбекистон чӣ хел ифода мекардед?
2. Дар бораи мавқеи ҳар фасл дар табиат ва зебоиҳои ҳар фасл нақл карда метавонед?
3. Ба Шумо кадом фасл бештар маъқул аст?
4. Кадом шаҳрҳои мамлакати моро рафта дидан мехоҳед?
5. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи боигариҳои диёри мо нақл кунед.


1


2


3


4

# КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ЎЗБЕКИСТОН

Донишомўзи азиз, дар ҳаёти инсон китоб мавқеи муҳим дорад. Хусусан, дар баровардани хату савод, гирифтани дониш, соҳиби касбу ҳунар ва малакаи зарурӣ шудан он барои мо чун маслиҳатчии наздиктарин ва беминнат хизмат мекунад.

Китоб аз азал манбаи дониш, маърифат ва некӣ буд. Мисле, ки ниҳоли нав аз хок баромада ба сўйи Офтоб саъй мекунад, одамизод ҳам ҳамеша ба гирифтани дониш дар такопў аст.

Беҳуда нест, ки душмани истилогар ба кадом диёре наравад, дар қатори дигар боигариҳои нодири он ҷо кўшиш мекунад китобҳои онро нест кунад, ё онҳоро ба сифати ғанимат бо худ барад. Бо ин роҳ душман мехост халқи сарзамини истилошударо аз маънавият ва хотираи таърихӣ маҳрум ва ба худ тобеъ кунад.

Дар бораи боигарии маданӣ ё таърихи тараққиёти халқҳои ҷаҳон гап равад, дар навбати аввал асарҳои офаридаи олимон, шоирон ва нависандагони онҳо ба забон гирифта мешавад.

**Барои мо асарҳои «Ал-ҷомеъ ас-саҳеҳ»-и Бухорӣ, «Ёдгориҳои халқҳои қадим»-и Берунӣ, «Қонунҳои тиб»-и Сино, «Хамса»-и Навоӣ ва дигар китобҳо боигарии хеле бузург ба ҳисоб меравад.**



Ба туфайли китоб мо аз таърих, ҳаёти аҷдоди бузурги худ, корҳои барои авлоди оянда мероси онҳо, пандҳои онҳо хабардор мешавем. Китоб хонда, дар бораи тарзи зист, забон, дин, урфу одатҳои дигар халқҳои ҷаҳон соҳиби тасаввур шуда, онҳоро аз ғоиб дӯст медорем. Ба воситаи китоб худро ба дигарон шинос мекунем.

**Китоб меъёрест, ки тараққиёти давлат ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Китоб дар ҳама замонҳо эъзоз мешавад. Аҷдоди мо онро азизу муқаддас дониста, дар токҳои махсус, ҳатто дар сандуқҳои оҳанӣ маҳфуз медоштанд.**



Қулайтарин роҳи нигоҳ доштан ва истифодаи китоб китобхона аст. Китобхонаҳо, аз рӯйи вазифа, калонӣ ё хурдӣ, ҳар хел мешаванд. Дар диёри мо аз қадим ҳар як хонадон китобхона дошт. Он китобхонаи оилавӣ ё шахсӣ номида мешавад. Дар ҳар як донишгоҳ ҳам китобхонаҳое мешаванд, ки донишомӯзон ва муаллимон истифода мебаранд. Аз сабаби он, ки имрӯзҳо онҳо бо техника ва технологияи компютер, низоми Интернет ҷиҳозонида шудаанд, ном ва вазифаи онҳо ҳам тағйир ёфта, марказҳои ресурсҳои ахборотӣ номида шудаанд. Шумо албатта, дар мактаб аз марказ истифода мебаред.

Ҳамчунин хелҳои дигари китобхона ба монанди китобхонаи бачагон, китобхонаи ҷавонон, китобхонаи илмӣ, китобхонаи ташкилот, китобхонаи давлат мешаванд.

Ҳар як давлати ҷаҳон китобхонаи марказӣ ё миллӣ дорад, ки салоҳияти маънавӣ-интеллектуалии онро нишон медиҳад.

**Мувофиқи Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон аз 20-уми феврали соли 2002 ба китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ асос гузошта шуд.**



Ин китобхона соли 1870 бо номи китобхонаи халқии Тошканд кор сар карда, баъд бо номҳои китобхонаи давлатии Туркистон, китобхонаи давлатии Осиёи Миёна, китобхонаи давлатии халқии Ўзбекистон ном бурда мешуд.

Китобхонаи миллӣ соли 2012 дар бинои мўҳташами замонавии ҳозира кор сар кард. Ин бино бо намуди зебо ва бетакрори худ ҳар як одамро мафтун мекунад. Он ба таркиби маҷмўае дохил мешавад, ки Маркази маърифат номида шуда, якҷоя бо Китобхонаи миллӣ қасри Симпозиумҳоро дар бар мегирад. Ин кошонаи ноёб дар кўчаи Навоии шаҳри Тошканд ҷойгир шудааст.

**Дар қасри Симпозиумҳо бахшида ба комёбиҳои Ўзбекистон дар соҳаҳои гуногуни тараққиёт конференсияҳои байналхалқӣ мешаванд. Дар онҳо Президенти мамлакати мо Ислом Каримов иштирок ва маърўза мекунад.**

Дар тарафи шарқии маркази Маърифат фаввораи мусиқӣ, дар атрофи он бошад, майдони сабз ва хиёбонҳо ҷойгиранд.

Ба китобхонаи Миллӣ даромада, ҳайрати кас меафзояд. Дар ин ҷо 12-то толор буда, ҳар яки он вазифаи муайян дорад. Музейи китоб, хонаи кўдакон, киномарказ, буфет, зонаҳои истироҳат, маркази таълимӣ, китобхонаи электронӣ, ки дар толорҳои гуногун ҷой гирифтаанд, бо васеъгӣ ва равшанӣ, тамоми қулаиҳо ба мизоҷҳои китобхона табъи хуш мебахшанд.

Фонди китоб ва ресурси ахборотии китобхона хеле бой ва гуногун. Ҳаҷми умумии он аз 6 миллион нусха зиёд мебошад.

Дар байни онҳо аз нусхаи қадимаи Қуръони карим сар карда, то дастнависҳои нодири асарҳои Алишер Навоӣ ва дигар шоиру адибони мумтоз, намунаҳои матбуоти миллии мо дар асрҳои XIX–XX, дурдонаҳои адабиёти ўзбек ва ҷаҳон, инчунин оид ба соҳаҳои гуногун китобҳои илмӣ, илмӣ-оммабоб, нусхаҳои нашрӣ ва электронии онҳо, материалҳои Интернетро ёфтан мумкин.

Китобхона дар як вақт ба 900 нафар хизмат расонда метавонад. Дар ин ҷо 220 ҷойи хонанда бо компютер ҷиҳозонида шудааст, дар ҳаҷми як соати академикӣ аз Интернет бепул истифода бурдан мумкин. Ҳамчунин, ба иҷора дода шудани нетбукҳо, 10 инфокиоск ба роҳ монда шуда, китобҳо барои чашмоҷизон, компютерҳои клавиатураи брайилӣ барои онҳо мавҷуд.

Хулоса карда гўем, китобхонаи Миллӣ хазинаи маънавии мамлакати мо мебошад. Ҳар рўз ба ин даргоҳи муборак барои аз нури илму маърифат баҳраманд шудан омадани бисёр ҷавонро дида, дар ҳақиқат ба соҳиби маънавияти воло будани халқи мо боз як боварӣ ҳосил мекунем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо китобро дўст медоред?
2. Шумо китобхонаи шахсӣ доред?
3. Дар он чӣ хел китобҳо ҳаст?
4. Аз маркази ресурси ахборотии мактаб истифода мебаред?
5. Компютер ҷойи китобро гирифта метавонад?
6. Кадоме аз ин китобро интихоб мекардед ва барои чӣ?



1



2



3



4

## ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

Донишомўзи азиз, аз дарси гузашта донистем, ки боигарии асосии мо халқи меҳнаткаш ва донишманди мо будааст. Ватанро чӣ қадаре, ки дўст дошта, гиромӣ дорем, халқро ҳам, ки бори онро чун кўҳ дар китф мебардорад, ҳамин қадар дўст медорем.

Зеботарин суханҳо, таърифҳои ҷаҳон ба Ватани мо чӣ хел зебад, ба халқ ҳам ҳамин хел мезебад. Мўътабартарин ном — калимаи модарро ҳам аввало ба «Ватан», «халқ» пайваста мегўем.

**Ватан ва халқро ҳеҷ гоҳ аз якдигар ҷудо тасаввур карда намешавад. Дар тимсоли халқ Ватанро бинем, дар тимсоли Ватан халқро мебинем.**

Халқи мо яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон. Аввало, ҳақиқати қадим будани Ватани моро, дар хоки он се ҳазор сол пеш, айнан аз тарафи ҳамин халқ барпо карда шудани шаҳр ва қишлоқҳо, давлати миллӣ, маданият исбот мекунанд.

*Калимаи «халқ» решаи арабӣ дошта, маънои офаридашударо ифода мекунад. Яъне, одамоне, ки барои корҳои нек офарида шуда, ба як забон ҳарф зада, дар асоси анъана ва арзишҳои умумӣ зиндагӣ ва саъй мекунанд, халқ мебошанд. Ба ҷойи ин калима ҳамчунин калимаҳои мардум, тўда, аҳолӣ, халоиқ ҳам истифода мешаванд.*

**«Халқи Ўзбекистонро сарфи назар аз миллат шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон ташкил медиҳанд»[1].**

[1] Oʻzbekiston Respublikasining Konstitutsiyasi. моддаи 8. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston», соли 2014, саҳ.5.




Мамлакати мо сермиллат буда, дар диёри мо ғайр аз ӯзбекҳо вакилони беш аз 130 халқ ва миллатҳои гуногун ба монанди қароқалпоқ, тоҷик, қазоқ, қирғиз, туркман, рус, украин, корейс, немис, арман, озарбойҷон, яҳудӣ истиқомат мекунанд ва ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ халқи Ӯзбекистонро ташкил медиҳанд. Ин бе ҳеҷ шубҳа, барои мамлакати мо ҳодисаи нодир аст. Чунки ҳар як миллат мӯъҷизаи бузурги Офаридгор мебошад. Дар натиҷаи мулоқоти ҳамдигарӣ намояндагони халқ ва миллатҳои гуногун аз якдигар бисёр чизҳоро омӯхта, анъана ва арзишҳои ҳамдигарро бой мегардонанд. Чунин муҳит, дар шаҳрвандони мамлакати мо таҳаммули миллӣ ва диниро, эҳсоси эҳтиром ба маданияти дигар халқҳоро ҳам ривоҷ медиҳад.

**Дар таркиби халқи мо ӯзбекҳо миллати сершумор ва номбардори давлат ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин, давлатдории миллиро давлатдории ӯзбек, номи онро бошад, Ӯзбекистон меномем.**

*Халқи ӯзбек гуфта, аҳолие фаҳмида мешавад, ки ба миллати ӯзбек мансуб буда, дар Ӯзбекистон ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон зиндагӣ мекунанд.*

Халқи ўзбек яке аз халқҳое ба шумор меравад, ки ба тараққиёти ҷаҳон ҳиссаи калон гузоштааст. Ин халқ саркардаҳои марду баҳодурро ба монанди Алп Эртўнға, Ҷалолиддин Мангубердӣ, Амир Темур, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, азизу авлиёҳоро аз қабили Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотурудӣ, Наҷмиддин Кубро, Маҳмуд Замахшарӣ, Баҳоуддин Нақшбанд, зотҳои алломаро чун Аҳмад Фарғонӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Ибни Сино, Абўрайҳон Берунӣ, Мирзо Улуғбек, шоир ва мутафаккирони бузургро аз зумраи Алишер Навоӣ, Машраб, Огаҳӣ ба воя расонидааст.

**Мисли он ки таркиби халқи Ўзбекистон сермиллат аст, таркиби миллати ўзбек ҳам серқавм мебошад.**

Қабилаҳи туркии суғдиён, сакҳо, массагетҳо аҷдоди қадимаи ўзбекҳои ҳозира мебошанд. Шумо ҳикояҳоро дар бораи муборизаи пешвои массагетҳо Томирис бар зидди лашкари эронӣ, аз қабилаи сакҳо Шеракро бар зидди аскарони Доро, писари суғдӣ Спитаменро ба муқобили қўшуни юнонӣ хондаед.

Дар ташаккули таркиби халқи ўзбек, намояндагони қабила ва авлоди зиёде ба монанди қорлуқ, ўғуз, найман, қипчоқ, қўнғирот, кенагас, барлос, манғит ҳиссаи муҳим гузоштаанд.

**Ба кадом авлод, маҳал ё қавм мансуб будани инсон аз дигарон бартарӣ доштан ё соҳиби имтиёзи алоҳида буданро ифода намекунад. Мо ба Ўзбекистони ягона, ба халқи ягонаи ўзбек мансуб будани худро дарк карда, бо он бояд ҳамеша фахр кунем.**

**«Дар ҷаҳон миллати ягонаи ўзбек ҳаст, байни хоразмӣ, фарғонагӣ, сурхондарёгӣ ҳеҷ гуна фарқ нест, ҳамаи онҳоро фарзанди халқи ўзбек гуфта фаҳмидан, авлоди ҷавонро айнан дар ҳамин руҳ тарбия намудан лозим»[1].**

---

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2013, саҳ. 91.

Аҷдоди қадимаи мо аз азал байни Амударё ва Сирдарёро макон карда, дар воҳа ва водиҳои ин ҳудуд ба тамаддуни алоҳида, яъне тараққиёти маданӣ асос гузошт. Расмҳои қадимии ғорҳо ва харсангҳои кӯҳна, хатҳо, ёдгории маданият ба монанди «Шашмақом», ки суруду навоҳои кӯҳнаро дар бар мегирад, осори антиқӣ, ки аз ҷойи шаҳрҳои афсонавии ба монанди Варахша, Афросиёб, Кеш, Нахшаб, Қубо, Ахсикент, Мингӯрик, Шоҳрухия ёфт шудаанд, маҳсули ҳамин тамаддун мебошанд.

*«Тамаддун» калимаи арабӣ буда, маънои тараққиёти маданиро мефаҳмонад.*

**«Халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлат мебошад»[1].**

Бинобар соҳиби ҳамаи боигариҳои мамлакат будани халқ, корҳо дар миқёси давлатӣ бо розигии он ба амал бароварда мешавад. Имрӯз дар идора намудани давлат, дар ба амал баровардани ислоҳотҳои гуногун, дар қабул кардани қарорҳои муҳим ана ҳамин қоида риоя карда мешавад.

Ба маҷлиси маҳалла рафтани падару модар, баъзан бошад, саҳарии барвақт «овоз дода мебиёем» гуфта ба участкаҳои интихоботӣ рафтани онҳоро дидаед. Одамон, муносибати худро ба масъалаҳои ба давлат ва ҷамъият дахлдор, дар ана ҳамин шакл ифода мекунанд. Ҳаминро зуҳури иродаи халқ меноманд. Ана ҳамин хел фикри ҳазорҳо, миллионҳо шаҳрвандон ғун шуда, ба иродаи тамоми халқ табдил меёбад.

*Шаҳрванд шахсе мебошад, ки дар ҳудуди мамлакат доимӣ истиқомат карда, ҳуқуқ дорад дар ҳалли масъалаҳо оид ба ҳаёти давлат ва ҷамъият иштирок кунад.*

---

[1] Oʻzbekiston Respublikasining Konstitutsiyasi. моддаи 7. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston», соли 2014, саҳ. 5.

Хулоса карда гӯем, халқи Ӯзбекистон бунёдкори асосии ҳаёти нав, ҷамъияти нав дар мамлакати мо мебошад. Маънову мазмун, дараҷаи ривоҷёбӣ ва истиқболи ин ҷамъиятро орзуву хоҳиши ҳамин халқ муайян мекунад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Мо барои чӣ халқи худро дӯст медорем?
2. Дар расмҳо кадом урфу одатҳои халқи мо тасвир ёфтаанд?



1



2



3

3. Шумо кадом фазилатҳои халқи моро дӯст медоред?
4. Дар ҳаёти худ ба ҳамин фазилатҳо амал мекунед?
5. Оё аз фарзанди халқи худ буданатон фахр мекунед? Барои чӣ?
6. Дар бораи халқи мо кадом шеър ё сурудро медонед?

***Машғулияти амалӣ***

## МУЗЕЙИ МИРЗО УЛУҒБЕК

Донишомӯзи азиз, Шумо ба шаҳри Самарқанд рафтаед?

**Таърихи Самарқанд бештар аз 2750 сол аст. Он дар қатори шаҳрҳои қадимаи Рим, Димишқ, Афина меистад.**

Дар ин шаҳр ёдгориҳои таърихӣ, обидаҳои бузурги меъморӣ, ки одамро ба ҳайрат меоранд, бисёранд. Яке аз онҳо, расадхонаи Мирзо Улуғбек мебошад, ки дар тарафи шарқи шаҳр, дар баландии Чӯпонотаи кӯҳна ҷойгир шудааст.

*Расадхона – иншоот барои мушоҳидаи ҳаракати ситораҳо ва ҷисмҳои осмон, дар астрономия обсерватория мегӯянд.*




Мирзо Улуғбек – набераи дӯстдоштаи соҳибқирон Амир Темур, яке аз намояндагони барҷастаи давраи Эҳёи Шарқ, алломаи бузург ва арбоби давлат, ки ба ривоҷи илму фани ҷаҳон ҳиссаи беназир гузоштааст. Исми аслии ӯ Муҳаммад Тарағай. Аз сабаби он, ки Амир Темур ӯро «Улуғ бегим» гуфта эрка мекард, бо номи Мирзо Улуғбек машҳур шуда рафт.

Расадхона дар асри XIV мувофиқи фармони Мирзо Улуғбек барпо шуд. Бинои он аз се қабат иборат буда, дар давраҳои ҳукмронии ҷаҳолати динӣ, ноороми вайрон шудаанд. Имрӯзҳо фақат қисми поёнӣ боқӣ мондааст, ки аз камонаи пайваст иборат буда, секстант номида мешавад.

**Бо ташаббуси Президенти мамлакати мо Ислом Каримов соли 2010 дар паҳлӯи расадхона музейи Мирзо Улуғбек барпо карда шуд.**





Дар толори васеъ ва равшани музей давр зада, аввало бо лавҳаҳое, ки дар бораи мавқеи Амир Темур ва темуриён дар таърихи ҷаҳон ҳикоя мекунанд, бо обидаҳои меъморӣ, ки дар давраи сулолаи мазкур дар шаҳрҳои таърихии мо барпо шудаанд, шинос мешавем. Сатрҳои машҳури шеърии шоири бузурги мутафаккир Алишер Навоиро «Темурхон наслидин султон Улуғбек, Ки, олам кўрмади султон анингдек» мехонем. Мактаби астрономияи Мирзо Улуғбек, кашфиётҳои бузурги вай дар соҳаи илму фан, нусхаҳои китоби вай «Зичи ҷадиди Кўрагонӣ» дар ҳар яки мо шавқ бедор мекунад. Дар бораи он, ки дар китоб ҷойгиршавии 1018-то ситораҳо дақиқ нишон дода шудааст, Улуғбек бо ёрии кадом асбобҳо мушоҳидаҳои илмӣ бурдааст, маълумот мегирем.

Дар музей нусхаи калон кардашудаи гравюра ҷой гирифтааст, ки он аз тарафи астрономи бузурги поляки асримиёнагӣ Ян Гевелий офарида шудааст. Дар ин асар Мирзо Улуғбек дар паҳлўи рости Урания — маъбудаи астрономия, яъне худои он ҷой гирифтааст. Дар ин расм Мирзо Улуғбек дар давраи астрономҳои бузурги ҷаҳон Птолемей, Коперник, Галилео Галилей тасвир ёфтааст. Лекин аз байни онҳо фақат аҷдоди мо ба олитарин мартаба лоиқ дониста шудааст. Дар тарафи сари Мирзо Улуғбек «Номи худро ба авлодҳои муносиб боқӣ гузоштам» навишта шудааст. Яъне, боварӣ ва эътиқоди аҷдоди бузурги мо ба маънои кашфиётҳои маро оянда авлоди ман, албатта, ба таври муносиб давом медиҳад дар ин гуфтаҳо акс ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, имрўзҳо олимони ҷавони мо корҳои алломаи бузургро муносиб давом медиҳанд. Дар институти астрономияи АФ Ўзбекистон ва обсерваторияи Майдонак, ки дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё ҷойгир аст, оид ба омўхтани ҷисм-



ҳои осмон корҳои пурсамар пеш бурда мешаванд. Дар натиҷаи чунин мушоҳидаҳо дар соли 2010 сайёраи нави хурд кашф карда шуд. Бо таклифи Президенти мамлакати мо Ислом Каримов ба сайёраи мазкур «Самарқанд» ном дода шуд.

Кашфиётҳои бузурги Мирзо Улуғбек то ба имрўзҳо аҳли ҷаҳонро ба ҳайрат меорад. Инро воқеаи ҳаётии зерин ҳам тасдиқ мекунад.

## ХАТОИ КОМПЮТЕР

Президент Ислом Каримов сўҳбати худро бо саркотиби ЮНЕСКО Федерико Майор дар Париж соли 1996 ба хотир оварда, менависад: **«Ҳамон вақт, ҷаноб Майор ба мероси илмии Улуғбек баҳои баланд дода, гуфт, ки ҳангоми бо ёрии компютер санҷида дидани ҳисобу китоби ў оид ба ҳаракати ситораҳо, маълум шуд, ки ҳамагӣ якчанд дақиқа фарқ мекардааст. Ман ҷавобан ба вай гуфтам, ки не, ҷаноб Федерико Майор, хато кардани Улуғбек мумкин нест, балки мумкин компютер хато карда бошад. Ҳарчанд ин гап ба таври лутфи дўстона гуфта шуда бошад ҳам, фикр мекунам, ки дар замири он ҳақиқати чуқур муҷассам аст»[1].**

Дар музей чунин суханҳоро ҳам хондан мумкин.



*Донишомўзи азиз, ба фикри Шумо, инсон бисёр хато мекунад ё компютер?*

---

[1] **Islom Karimov.** Yuksak ma’naviyat – yengilmas kuch. –T.: нашриёти «Ma’naviyat», соли 2013, саҳ. 46–47.

Аз музейи Мирзо Улуғбек баромада, дар майдони дилрабои тарафи шимолии он қад афрохта истодани ҳайкали муаззами бобои алломаи худро мебинем.

Баъди тамошои ин музей, ба маркази шаҳри Самарқанд рафта, мадрасаи Улуғбекро дидан мумкин, ки дар майдони Регистон ҷой гирифта, дар асри XIV онро Мирзо Улуғбек сохта ва солҳои зиёд ба талабаҳо дарс дода буд. Дар он ҳол, оид ба аҷдоди бузурги худ ба тасаввури бештар соҳиб мешавем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо шабона осмони ситорадорро дидаед?
2. Дар бораи ситораҳо донистан мехоҳед?
3. Барои чӣ Мирзо Улуғбек расадхонаро дар баландӣ сохт?
4. Дар кадом расм ҳайкали Мирзо Улуғбек акс ёфтааст?


1


2


3

5. Обсерваторияи Майдонак дар куҷо ҷой гирифтааст?

## ДАВЛАТИ ЎЗБЕКИСТОН

Донишомўзи азиз, дар ба амал баровардани орзу, хоҳишу иродаи ҳар як халқи ҷаҳон, ҳимоя кардани манфиатҳои он давлат аҳамияти хеле муҳим дорад.

*Давлат, усули идоракунӣ дар асоси ваколат мебошад, ки халқ манфиатҳои худро дар назар дошта, онро сохтааст.*

Дар ҳудуди Ўзбекистон, пеш аз милод, яъне дар давраҳои пеш аз солшумории ҳозира ҳам давлатҳо буданд. Инро аз куҷо медонем? «Авесто», ки китоби асосии таълимоти Зардуштия мебошад, қариб се ҳазор сол пеш аз ин, дар диёри мо, дар сарзамини Хоразми имрўза офарида шуд. Пас, «Авесто» дар асрҳои VIII–VII пеш аз милод навишта шудааст. Дар ин китоб гуфта мешавад, ки одамон дар он давр муттаҳид шуда мезистанд, ҳукмдорон интихоб карда, қалъаҳо месохтанд. Ин далел аст, ки аз қадим дар замини мо давлатдории миллӣ буд.

Дар пойтахти Ватани мо — шаҳри Тошканд ҷойе ҳаст ба номи «Ўрда». Дар қадим ҷойеро, ки саройи хонҳо буд, ўрда мегуфтанд. Пас, «Ўрда»-и имрўзаи Тошканд, дарбори хон будааст.

*«Ўрда» шакли тағйирёфтаи калимаи «ўрта» буда, маънои ҷойи миёна, воқеъ дар марказро ифода мекунад.*

Қароргоҳи соҳибқирон Амир Темур будани Кўксарой дар шаҳри Самарқанд, биноҳои Арк ва Ўрда дар шаҳрҳои Бухоро, Хева ва Қўқанд, боқимондаҳои қалъа, қўрғонҳо, ки дар ҳудудҳои гуногуни кишвари мо мавҷуданд, ҳамчунин тимсоли таърихии давлатдории қадимаи мо мебошанд.

**Дар ҳудуди мамлакати мо дар қадим давлатҳои ба монанди Суғд, Бохтар, Паркана, Хоразм, Кӯшон, Турон, Туркистон, Мовароуннаҳр, Сомониён, Қарохониён, Ғазнавиён, Хоразм ривоҷ ёфта буданд.**

Аз дарсҳои пеш медонед, ки дар асри XIV Соҳибқирон Амир Темур ба давлати пурқудрат асос гузошт. Афсӯс, ки баъди вафоти Амир Темур ин давлат ба хонигариҳои хурд тақсим шуд. Дар байни онҳо мубориза ва адоват авҷ гирифт. Дар натиҷа, қувваҳои истилогари хориҷӣ ба диёри мо таҷовуз намуданд. Кӯшуне, ки аз Дашти Қипчоқ омад, лашкари Эрон ва ниҳоят, дар асри XIX армияи Россияи подшоҳӣ диёри моро истило мекунанд.

Моҳи октябри соли 1917 дар Россия партияи болшевикон табаддулоти давлатӣ гузаронда, ба сари ҳокимият омада, зулми мустамликадорӣ дар диёри мо боз пурзӯр шуд. Ҳукумати болшевикон соли 1924 дар ҳудуди Осиёи Миёна тадбири сарҳадбандии миллиро гузарониданд. Мувофиқи он, дар ҳудуди ҳозираи Ватани мо республикаи советии сотсиалистии Ӯзбекистон ташкил ёфт.



Бинои Ташкилоти Миллатҳои Муттаҳида

Диёри мо дар ин давр фақат ба ном «республика» номида мешуд. Дар асл республикаи тобеъ буд. Фақат баъди 31 августи соли 1991 ки таҳти роҳбарии Президенти мо Ислом Каримов ба истиқлолият ноил шудем, мо ба маънои том соҳиби давлати миллӣ шудем.

**Ӯзбекистон 2 марти соли 1992 ба иттиҳодияи байналхалқии давлатҳои ҷаҳон — Ташкилоти Миллатҳои Муттаҳида қабул карда шуд. Имрӯз он аъзои баробарҳуқуқи ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ мебошад.**

*Ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ, ин мамлакат ва ташкилотҳои байналхалқӣ, қувваҳои некхоҳи ҷаҳон мебошанд, ки дар роҳи мақсади умумӣ муттаҳид шуда ҳаракат мекунанд.*

Ўзбекистон давлати дунявӣ. Давлати дунявӣ гуфта, давлатеро меноманд, ки дар ҳоли такя ба Конститутсия ва қонунҳои ба он асосёфта, ки бо хоҳишу иродаи халқ қабул шудааст, ривоҷ меёбад.

**«Ўзбекистон давлати соҳибихтиёри демократӣ. Номҳои давлат «Республикаи Ўзбекистон» ва «Ўзбекистон» як маъноро ифода мекунанд»[1].**

Пас, мамлакати мо расман «Республикаи Ўзбекистон» ва «Ўзбекистон» номида мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ номи давлат айнан ба ҳамин тарз навишта ва хонда мешавад. Дар ҷараёни нутқи оддӣ бошад, онро бо ибораҳои «давлати мо», «мамлакати мо», «Ватани мо», «диёри мо» ҳам ифода кардан мумкин аст.

Аз сабаби он, ки сохти давлатии Ўзбекистон, яъне моҳияти идораи давлат ва бунёди ҷамъият дар қонуни асосӣ — Конститутсия муқаррар шудааст, агар сухан дар бораи сохти давлатӣ равад, ибораи сохти конститутсионӣ ҳам истифода мешавад.

Мамлакати мо имрўз бо роҳи бунёди давлати демократӣ меравад. Дар давлати демократии ҳуқуқӣ ҳамаи корҳо дар асоси қонун пеш бурда мешаванд.

*Демократия калимаҳои юнонӣ, «демос» — халқ, «кратос» — ҳокимият, яъне маънои ҳокимияти халқро мефаҳмонад.*

Дар давлати демократии ҳуқуқӣ масъалаҳои муҳим оид ба ҳаёти мамлакат дар ҳоли маслиҳат бо халқ, бо вакилони он — депутатҳо ҳал карда мешавад. Яъне, дар чунин давлат ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, хоҳишу иродаи халқ дар ҷойи аввал меистад.

---

[1] Oʻzbekiston Respublikasining Konstitutsiyasi. моддаи 1. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston», соли 2014, саҳ 4.

Имрӯзҳо дар мамлакати мо тамоми аломат ва хусусиятҳо, тамоилҳои давлати демократии ҳуқуқӣ ташаккул ва такмил ёфта истодааст.

Аз тарафи Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ғояи «Аз давлати пурқудрат ба ҷамъияти пурзӯри шаҳрвандӣ» пеш гузошта шуда, маънои ин ғоя ин аст, ки давлати демократии ҳуқуқӣ ҷамъияти шаҳрвандиро тақозо мекунад.

**Ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҷамъиятест, ки дар он, дар идоракунии давлат ва ҷамъият шаҳрвандон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, худидоракунии онҳо фаъол иштирок мекунанд.**

Шумо идораи маҳаллаи ҷойи зисти худро нағз медонед. Маҳалла дар баробари органи худидоракунӣ буданаш, намунаи ба худ хоси ҷамъияти шаҳрвандӣ ҳам мебошад.

Қариб дар ҳамаи нутқ ва маърӯзаҳои Президенти мо дар бораи муҳимтарин масъалаҳои барпо кардани давлати демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ сухан рафта, оид ба ҳалли онҳо вазифаҳои амалӣ муайян карда мешаванд. Дар ин бора, хусусан, Консепсияи таҳкими минбаъдаи ислоҳотҳои демократӣ ва ривоҷи ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мамлакати мо, ки аз тарафи раҳбари давлати мо 12-уми ноябри соли 2010 дар маҷлиси якҷояи Сенат ва Палатаи қонунофарии Олий Маҷлиси Ўзбекистон баён шуданд, аҳамияти муҳим дорад. Дар асоси консепсия ба Конститутсияи мо тағйирот ва иловаҳои муҳим дароварда, якчанд ҳуҷҷатҳои қонун қабул карда шуданд. Ҳамаи ин, нишон медиҳад, ки Ўзбекистон дар роҳи барпо кардани давлати демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ пайгирона ва бо қатъият пеш меравад.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Дар маҷлисҳои маҳалла аз оилаи Шумо кӣ иштирок мекунад?
2. Медонед, ки дар ин маҷлисҳо дар бораи чӣ гап меравад?
3. Ба фикри Шумо, қалъа ва қасрҳои ин расмҳо барои чӣ сохта шудаанд?







4. Давлат набошад, одамон осуда ва фаровон зиста метавонанд?

*Машғулияти амалӣ*

## ИСТИҚЛОЛИЯТ – ИН АВВАЛО ҲУҚУҚ АСТ

Донишомӯзи азиз, Ватан озод ва соҳибистиқлол бошад, қудрати он афзуда, ба боигарии он боигарӣ зам шуда, зистан дар он ба бахти ҳақиқӣ табдил меёбад. Барои ҳамин, оид ба Модар-Ватан гап равад, мавзӯи истиқлолият нӯги забон меояд.

*Калимаи истиқлол маънои мустақил буданро дорад. Истиқлолият бошад, ба касе тобеъ нашуда, ба ҳуқуқ ва диёри худ соҳибӣ карда, озод зистанро мефаҳмонад.*

Фақат давлате соҳибистиқлол мебошад, ки тақдири худро худаш ҳал мекунад, ҳаёти имрӯз ва фардоро дар асоси хоҳишу иродаи халқ ва манфиатҳои он ташкил мекунад, сиёсати мустақили дохилӣ ва хориҷӣ пеш мебарад, ҳудуд, сарҳадҳояшро ҳимоя ва дахлнопазирии ҳаёти шаҳрвандонро нигоҳ дошта метавонад.

*Калимаи истиқлол бо калимаҳои соҳибихтиёрӣ, озодӣ, ҳуррият ҳаммаъно мебошад. Боз як калимаи бо истиқлол ҳаммаъно, ин калимаи суверенитет (мухтор) мебошад. Он бисёр вақт мустақилии ҳокимиятро ифода мекунад.*

Ҳангоми истифодаи ибораҳои суверенитети давлат, суверенитети республика, суверенитети халқ аввало мустақилӣ аз нуқтаи назари соҳиб будан ба ҳокимият ифода карда мешавад.



Ўзбекистон то ба истиқлолият ноил шудан, дар таркиби империяи СССР, яке аз понздаҳ республикаҳои ба марказ пobанд ба ҳисоб мерафт. СССР давлате буд, ки бо роҳи зўроварӣ, дар асоси маҷбур кардани халқҳои соҳибихтиёр ва озод таъсис ёфта буд. Бинобар ишғол кардани ҳудуди калон ва зери тазйиқи худ нигоҳ доштани бисёр халқҳои ҷаҳон, онро империяи коммунистӣ ё империяи сурх меномиданд.

*Империя калимаи лотинӣ буда, маънои давлати калони таҷовузкорро, ки соҳиби ҳокимияти номаҳдуд, яъне мутлақ буда, зери тасарруфи худ мамлакат ва халқҳои зиёдро маҷбуран дар побандӣ нигоҳ медорад, мефаҳмонад.*

Империяро одатан император идора мекард. Лекин, аз сабаби он, ки собиқ СССР бо ғояҳои ҷозибадор ниқобпўш буд, кўшиш мекард, худро ба сифати «иттифоқи республикаҳои сотсиалистии баробарҳуқуқ» намоиш диҳад ва онро Партияи коммунистии Иттифоқи Советӣ ва доҳиёни он идора мекарданд.

Дар музейи «Хотираи қурбониёни қатағон»-и шаҳри Тошканд, оид ба чӣ қадар қурбониҳои калон додани халқи мо

солҳои мустамликадорӣ, чӣ қадар вазнин ва пурмашаққат будани озодӣ, бисёр ҳуҷҷатҳои таърихӣ мавҷуд аст.

Аҷдоди марди мо ба муқобили мустамликачиён фақат бо аслиҳа не, балки ба воситаи маърифат ҳам мубориза бурдаанд. Ба ин, фаъолияти намояндагони ҳаракати ҷадидҳо дар оғози асри XX мисоли равшан шуда метавонад.

*«Ҷадид» калимаи арабӣ буда, маънои навро мефаҳмонад.*

Аҷдоди маърифатпарвари мо ба воситаи ислоҳ кардани масканҳои таълиму тарбия, кушодани театр, китобхона, музейҳо, нашри газета ва журналҳо, мехостанд ҳаёти халқи моро нав кунанд. Барои ҳамин, онҳо ҷадидҳо ном гирифтанд. Мақсади асосии ҷадидҳо аз он иборат буд, ки ба воситаи соҳиби дониш ва маърифат намудани одамон ба озодии диёр ноил шаванд. Лекин ҳуррият, мустақилӣ ҳеҷ вақт худ аз худ ба даст намеояд. Бобои маърифатпарвари мо Мунаввар қорӣ Абдурашидхонов дар ин бора чунин гуфтааст: **«Дар байни ҳамаи ҳурриятхоҳони ҷаҳон як гап ҳаст: ҳуррият дода намешавад, гирифта мешавад. Бо ҳеҷ чиз гирифта намешавад, фақат бо хун ва қурбон гирифта мешавад. Дар таърих аз замони ҳазрати Одам Ато то ба ҳамин вақт дар ҳеҷ як давлат ва мамлакат дода шудани ҳуррият, бе хун ва қурбонӣ дода шудани он дида намешавад»**[1].

Ҳаминро дар назар дошта Президент Ислом Каримов гуфта буд, ки **«Ба озодӣ фақат бо роҳи мубориза ноил шудан мумкин»**[2].

Мустақилии давлат бошад, барои халқ ҳуқуқи ояндаи худро худ муайян кардан, ташкили ҳаёти озод ва соҳибихтиёр, орому

[1] Vatan va millat muqaddasdir. –Т.: нашриёти «Ma'naviyat», соли 2000, саҳ. 31.

[2] **Islom Karimov**. Vatan va xalq mangu qoladi. –Т.: нашриёти китобхонаи Миллии ба номи Алишер Навоӣ, соли 2010, саҳ. 17.

[3] Ҳамон манбаъ, саҳ. 19.

осоишта, фаровонро дода, дар роҳи ноил шудан ба мақсадҳои нек имкониятҳои азим меофарад. Барои ҳамин сарвари диёри мо таъкид мекунад, ки **«Истиқлолият — ин аввало ҳуқуқ аст»**[3].

Дар ҳақиқат, агар ҳаёти то истиқлолият ва баъди онро муқоиса карда бинем, ба туфайли истиқлолият чӣ қадар ҳуқуқҳои калонро соҳиб шудани мо аён мешавад. Хусусан, дар мактабҳои замонавӣ таълиму тарбия гирифта, дар олам аз ҳеҷ кас кам нашуда ба воя расидани миллионҳо шумо барин ҷавонон, аз он далолат медиҳад, ки дар Ватани мо барои инсон, барои камоли он имкониятҳои азим фароҳам оварда шудаанд. Барои ҳеҷ вақт аз даст надодани ин ҳуқуқҳо, баръакс барои боз ҳам мустаҳкам кардани он, мо қарзи худро дар назди халқу Ватан чуқур дарк карда, онро бояд аз сидқи дил иҷро кунем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо ҳуқуқҳои худро медонед? Ӯҳдадориҳои худро чӣ?
2. «Истиқлолият – ин аввало ҳуқуқ аст» гуфта чиро мефаҳмед?
3. Аз рӯйи расмҳо нақл кунед, ки бачаҳо аз ҳуқуқҳои худ чӣ хел истифода мебаранд.



1



2



3



4

4. Ба фикри Шумо, барои мустаҳкам ва доимӣ шудани ҳуқуқҳои худ чӣ кор кардан лозим?

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН

Донишомўзи азиз, вақте, ки мо дар бораи Модар-Ватан – Ўзбекистон, истиқлолияти он, комёбиҳо дар ин солҳо гап мезанем, номи як инсони бузургро бо эҳтиром ба забон мегирем. Он – Президенти Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов. Ин ном бо номи давлати имрўзаи мустақили Ўзбекистон чунон ҳамоҳанг ва муштарак шуд, ки онҳоро ҷудо тасаввур карда намешавад.

**Президент Ислом Каримов асосгузори давлати нави Ўзбекистон, ташаббускори тамоми тағйиротҳои мусбӣ мебошад, ки мо ҳар рўз баҳраманд мешавем.**

Дар роҳи ба истиқлолият ноил гаштан ва дар ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ мавқеи муносиб ёфтани мамлакати мо, дар барқарор шудани давлатдории миллӣ, қабули Конститутсияи Ўзбекистон, коркарди «модели ўзбек», ки ҷаҳон эътироф кард, дар бомуваффақият ба амал бароварданиислоҳотҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мо, хизматҳои таърихии сарвари давлати мо беназир аст. Ин инсони бузург солҳои вазнини ҳукмронии шўравӣ, дар Ўзбекистон барои истиқлолият мубориза сар кард. Аз республикаҳои собиқ иттифоқ якумин шуда, дар диёри мо идоракунии президентиро ҷорӣ кард.

*Президент сарвари давлат, сарфармондеҳи Олии қувваҳои мусаллаҳи мамлакат мебошад. Вай аз тарафи шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон дар асоси интихоботи умумихалқӣ ба муддати панҷ сол интихоб мешавад.*

**Президент ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми шаҳрвандон, риоя шудани Конститутсия ва қонунҳо кафолат мебошад. Президенти Ўзбекистон самтҳои асо-**

**сии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакати моро муқаррар карда, ба амалӣ намудани онҳо раҳбарӣ мекунад, аз номи халқи Республикаи Ўзбекистон кор мебарад.**

*Сиёсати давлат ба дохилӣ ва хориҷӣ тақсим мешавад. Сиёсати дохилӣ ба масъалаҳои ягонагию муттаҳидии халқ, гузаронидани ислоҳотҳо, таъмини осудагии кишвар, ривоҷи иқтисодиёт, фаровонии халқ бахшида мешавад. Сиёсати хориҷӣ бошад, ба ривоҷи алоқаҳои дўстона, ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ бахшида мешавад.*

Шумо ба он авлоди хушбахт мансубед, ки ҳар хел таъзиқ ва зўровариҳои дар давраи шўро ба амал баровардашударо надидаед. Ҳамон солҳои машъум боигариҳои миллии кишвари мо бешафқат тороҷ гардид. Болшевикон ҳатто қабрҳои аҷдоди моро кушода, аз халалдор кардани руҳи онҳо ҳам нагаштанд. Дар арафаи ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ қабрҳои соҳибқирон Амир Темур ва темуриёнро кушода диданд. Аз мақбараи ҳамсари Амир Темур Бибихонум ашёҳои тиллоиро, ҳатто як ангуштарини маликаро бо ангушташ гирифта бурдани онҳо аз таърих маълум.

Ин хел ноҳақиҳо то охирин солҳои ҳокимияти советӣ ба тарзи гоҳ ошкор, гоҳ пинҳон давом дошт. Солҳои 80-уми асри гузашта бо айбномаҳои сохта бо номи «кори ўзбекҳо» ба ҳабс гирифта шудани чандин одамони бегуноҳ ҳам натиҷаи чунин сиёсати зўроварӣ буд. Шахсони зўровар таҳти раҳбарии муфаттишони хунхор ба номҳои Гдлян ва Иванов, бе ҳеҷ асосу далел ба хонаи одамони оддӣ зада даромада, онҳоро таҳқир карданд. Ҳатто зевари занону духтаронро тороҷ карданд. Онҳоро азоб дода, маҷбур мекарданд, ки ба ҳуҷҷатҳои сохта имзо монанд.

Газетаю журналҳои марказ бўҳтон ва тўҳмат паҳн карда, кўшиш мекард халқи моро ба тамоми олам бадном кунад.

Ислом Каримов баъди 23-юми июни соли 1989 раҳбари Ўзбекистон шуда кор сар карданаш, барои ислоҳи вазъияти қариб дар лаби ҷар буда, барқарор кардани адолат дар диёри мо сахт мубориза бурд (дар ин бора дар китоби «Ўзбекистон мустақилликка эришиш остонасида»-и сарвари давлат батаф-



сил навишта шудааст). Дар натиҷа ҳазорҳо одамони бегуноҳ ба озодӣ баромада, ба оғӯши оила баргаштанд. Номи мубораки халқи мо сафед карда шуд, шаъну ифтихор барқарор шуд. Ҳамватанони мо боз имкон ёфтанд бо ҳуввияти миллии худ фахр карда зиндагӣ кунанд.

**! 31-уми августи соли 1991 Президент Ислом Каримов истиқлолияти Ӯзбекистонро ба тамоми ҷаҳон эълон кард.**

Хизматҳои раҳбари давлати мо дар хусуси барқарор кардани арзишҳои миллии мо ҳам беназир аст. Бо ташаббуси сарвари диёри мо забон, дин, ифтихори миллӣ, идҳои миллии мо аз қабили Наврӯз, иди Рамазон, иди Қурбон аз нав зинда шуданд. Ҳамватанони мо ба сафарҳои ҳаҷ ва умра бемалол мера-

ванд. Чандин аҷдоди бузурги мо, ки солҳои пеш номашон, асарҳояшон, корҳои таърихиашон ҳам сир нигоҳ дошта мешуд, боз ба худи мо баргаштанд. Қадамҷойҳои онҳо обод карда шуданд. Чуноне, ки дар сӯҳбатҳои пеш гуфтем, санаҳои таърихии шаҳрҳои кӯҳнаи мо дар миқёси байналхалқӣ ҷашн гирифта шуда, обидаҳои меъморӣ, осори антиқаи онҳо пурра таъмир шуданд.

Имрӯз мамлакати мо дар ҳамаи соҳаҳо ба комёбиҳои калон ноил шуда, қудрати иқтисодии мо, фаровонии халқи мо боло меравад. Обрӯ ва нуфузи байналхалқии Ватани мо меафзояд. Ба ҳусни шаҳру қишлоқҳои мо ҳусн зам мешавад. Ҳамаи ин, натиҷаи ислоҳотҳое мебошад, ки Президенти мо ба амал мебарорад.

Хусусан, Дастури миллии тайёр кардани кадрҳо, ки соли 1997 бо ташаббуси Президенти мо қабул карда шуд, дар ҷорӣ намудани таълими умумӣ ва маҷбурии бепули 12-сола аҳамияти муҳим касб кард.

Дар давраи сохти собиқ ҳатто барои каме таъмир кардани мактабҳо, боғчаҳои бачагон ҳам пул ёфт намешуд. Солҳои истиқлолият, хусусан, солҳои 2004–2009 дар диёри мо қариб 1000 мактаби таълими умумӣ комилан реконструксия карда шуд ё аксарияти онҳо аз нав сохта шуд. Ҳамчунин, дар мамлакати мо бештар аз 1500 литсей ва коллеҷ, 69 донишгоҳҳои олӣ – университет, институт, академияҳо барои дониши чуқур ва малака гирифтани ҷавонони мо хизмат мекунанд.

Хизматҳои Президенти мо дар роҳи барқарор намудани давлатдории миллии мо, ислоҳ кардани тамоми соҳаҳои ҳаёти халқ, хеле калон буда, як-як номбар кардани ҳамаи онҳо имкон надорад, албатта. Барои ҳамин, номи Ислом Каримов ба тимсоли давлатдории миллии мо табдил ёфтааст.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо аз телевизор суханҳои Президенти моро шунидаед?
2. Кадом суханҳои раҳбари давлати мо дар ёдатон мондааст?
3. Шумо фанҳоро, забонҳои хориҷиро хуб аз худ карда, барои инсони солим ва баркамол шудан, ки Президенти мо орзу мекунад, ҳаракат мекунед? Айнан чӣ хел ҳаракат мекунед?

4. Аз рӯйи расмҳо оид ба эътибори раҳбари давлати мо ба ҷавонон нақл кунед.



1



2



3

***Машғулияти амалӣ***

## МАҶМӮАИ ЁДГОРИИ ИМОМ БУХОРӢ

Донишомӯзи азиз, гап дар бораи қадамҷойҳои бузург, зиёратгоҳҳои муқаддаси мамлакати мо равад, ҳамватанон ҳам, сайёҳони хориҷӣ ҳам дар қатори аввалинҳо маҷмӯаи ёдгории Имом Бухориро ба забон мегиранд. Ин обидаи нодир дар қишлоқи Хартанги ноҳияи Пайариқи вилояти Самарқанд ҷой гирифтааст.

**Имом Бухорӣ дар тамоми олами ислом чун султони муҳаддисон эътироф карда шудааст.**

Сарфи назар аз он, ки қабри ин зоти бузург, аз шаҳри азими Самарқанд дар шимол, ҳамагӣ дар сӣ чақрим дур ҷойгир аст, дар даври собиқ СССР дар давоми солҳои зиёд беназорат монда буд. Ҳеҷ кас хаёл ҳам намекард, ки дар ин ҷо қабри азизу авлиё ҳаст. Баъдтар ба туфайли як тасодуф қабри Имом Бухорӣ аниқ гашт ва он ҷо мақбараи назарногир пайдо шуд.

*Ҳадис калимаи арабӣ буда, маъноҳои хабар, навигарӣ, ривоятҳои дар бораи гуфтаҳо, корҳо ва нишондодҳои Муҳаммад алайҳиссаломро мефаҳмонад.*

Қадамҷойи Имом Бухорӣ фақат баъди ноил шудани мо ба истиқлолият ҳаматарафа обод шуда, дар намуди мӯҳташами ҳозира аз нав бунёд карда шуд.

*Муҳаддис калимаи арабӣ буда, маънои алломаи ривояткунанда, ҷамъкунанда, саракунанда ва шарҳдиҳандаи ҳадисро мефаҳмонад.*

Аввал, моҳи декабри соли 1997 дар ҳузури Президенти мо Ислом Каримов лоиҳаи нави маҷмўаи ёдгории Имом Бухорӣ муҳокима карда шуд. Дар ҳамон ҷамъомад, сарвари давлат ба бинокорон ва мутахассисон оид ба чӣ хел шудани намуди дохилӣ ва берунии маҷмўа, ҳар як бинои барпошаванда, гунбазҳои онҳо, дарвозаҳо, ҳатто дар бораи чӣ хел шудани сутунҳо ҳам маслиҳатҳои зарурӣ дод.

«Нуқтаи асосии маҷмўаи ёдгории Имом Бухорӣ – ин қабр-мақбараи аллома мебошад, – гуфт сарвари давлат дар ҷараёни муҳокима. – Аз тамоми ҷаҳон миллионҳо одамон аввало барои зиёрати ҳамин қабр, пок кардани худ, тозагии руҳ ва барои дохил шудан ба савоб меоянд. Барои ҳамин, ба назари ман, ба маркази маҷмўа бояд қабр-мақбараи Имом Бухориро гузорем.

Раҳбари давлати мо гаштаву баргашта таъкид кард, ки маҷмўаи мазкур бояд қиёфаи ба худ хос дошта бошад: «Дар тимсоли ин ёдгорӣ анъанаҳои меъморӣ, ки аз падару бобоён мерос мондаанд, услубҳои беназири бинокорӣ, ки дар обидаҳои таърихии дили фалсафаи Шарқ Самарқанд, Бухоро, Хева акс ёфтаанд, бояд равшан ифода ёбанд».

Дар ҳамин ҷамъомад, дар бораи чӣ хел шудани масолеҳи бинокории маҷмўа ҳам сухан ронда, дар ин бора ҳам нишондодҳои аниқ ва пухта дода шуданд: «Дар мо аз азал обидаҳои таърихӣ-меъморӣ аз хишти пухта барпо мешуданд. Шароити табиии иқлим, таъсири муҳити беруна ҳаматарафа ба ҳисоб гирифта мешуд. Фақат девори иморатҳо не, саҳни ҳавлиҳо, масҷиду мадрасаҳо ҳам бо хишти пухта, яъне «мусулмонӣ» пўшонида мешуданд. Дар сохтмони маҷмўаи Имом Бухорӣ мо ҳам бояд ҳамин хел кунем».

Президент ба ҷиҳатҳои асоситарини биноҳои қадима, ки аҷдоди мо барпо кардаанд эътибор дода, фикрашро давом



**Мақбараи Имом Бухорӣ**

медиҳад: «Якумаш – хишт, дуюмаш – сутун. Ду такяи асосии иморатсозии миллии мо ҳамин. Барои ҳамин ҳам, дар маҷмӯаи масҷид-мақбараи Имом Бухорӣ хишти «мусулмонӣ» ёфта кор мефармоед. Боз як таклиф ҳамин ки дар бораи дар ду тарафи мақбара сохтани айвони баҳавои калони пешкушод фикр кардан даркор. Ба айвон ҳафтоду чорто сутунҳои кандакоришуда гузошта шавад, он қиёфаи бетакрор касб мекард. Ба сифати сутунҳо, хусусан, ба чӯби онҳо эътибор додан лозим. Аз дарахтҳои маҳаллии чинор, арча, чормағз бошад, боз ҳам хуб. Як қисми сутунҳоро ба устоҳои Хоразм, як қисмашро ба устоҳои Самарқанд ва Бухоро, боз як қисмашро ба устоҳои фарғонагӣ фармоиш додан даркор. Дар кори оро додани шифти айвон ҳам агар устоҳои ҳамаи вилоятҳо иштирок кунанд, ин дар ҳақиқат ёдгории умумимиллӣ ва умумихалқӣ мешавад».

Меъмор, бинокор ва устоҳо аз гуфтаҳои Президент илҳом гирифта, бо қувваю ғайрати калон ба кор даромаданд. Дар асоси ҳамин фикру мулоҳизаҳо намунаи тамоман нави лоиҳаи маҷмӯаи Имом Бухорӣ офарида шуд. Баъд сарвари давлат ба ин мавзӯъ баргашта, ҳар дафъа лоиҳаро бо фикрҳои нав пурра карда, бой гардонд. Тобистони соли 1998 ба майдони сохтмон ташриф оварда, аз наздик бо корҳо шинос шуд, ба бинокорон ва мутахассисон нишондод ва маслиҳатҳои қимматбаҳо дод.

## МУКОФОТИ НЕКӢ

Ниҳоят, моҳи октябри соли 1998 маҷмӯа сохта шуд. Он рӯзи 23-юми октябрь ба шарафи 1225-солагии таваллуди Имом Бухорӣ тантанавор кушода шуд. Ҳамон рӯз, раҳбари давлати мо дар ҳузури меҳмонони бонуфуз — уламои шинохтаи динӣ, арбоби илму фан ва маданият, вакилони ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ба муносибати айёми таваллуди аҷдоди бузурги мо ба ин ҷо аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ташриф оварда буданд, нутқ эрод кард. Хусусан, гуфтаҳои зерини ӯ дар дили ҳозирон мӯҳр баст:

**«Чуноне, ки дар ояти муқаддаси қуръонӣ таъкид шудааст, «мукофоти некӣ фақат некӣ мебошад»...**

**...Аз солҳои аввали озодии худ, мо ният карда будем, ки мақбараи Имом Бухориро ба шаъну шавкати он зот муносиб, ба гӯшаи гирду атрофаш мунаввар, ба қадамҷое, ки барои мӯъмину мусулмони зиёратчӣ қувваи руҳӣ-маънавӣ ато кунад, табдил диҳем. Дар чунин рӯз, ки бо инояти Оллоҳ нияти мо иҷобат гардид, ман боварӣ дорам ин маҷмӯаи муаззами ёдгорӣ танҳо зиёратгоҳ не, балки як маскани азиз мешавад, ки Ӯзбекистони зебои моро ба тамоми ҷаҳон мешиносонад, авлоди ҷавонро дар рӯҳи некӣ тарбия мекунад, ҳар як инсонро оид ба ҳаёт ва абадият ба андеша меорад»[1].**

Дар ҳақиқат, ин обидаи нодир ифодаи амалии ҳурмату эҳтироми волои халқи мо, Ватани мо ба фарзанди бузурги муқаддиси худ, руҳи поки вай шуд.

**Майдони умумии маҷмӯаи Имом Бухорӣ 10 гектарро ташкил мекунад. Аз дарвозаи калон ба дарун дохил шудан ҳамоно, мақбараи муаззами Имом Бухорӣ дида мешавад. Он гунбази гулобӣ дошта, бо сангҳои қимматбаҳо,**

[1] **Islom Karimov**. Ma’naviy yuksalish yo‘lida. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston», соли 1998, саҳ. 444, 450.

**нақшҳои шарқона оро дода шудааст. Дар ду тарафи мақбара айвони калони барҳавои пешкушод, иборат аз ҳафтоду чор сутуни кандакорӣ қад бардоштааст.**

Сутунҳои аз дарахтҳои чинор, арча ва чормағз сохташудаи айвонро устоҳои хоразмӣ, самарқандӣ, бухороӣ ва фарғонагӣ сохтаанд. Дар ороиши шифти айвон ҳам аз ҳамаи вилоятҳои мамлакат устоҳои моҳир ва наққошон иштирок кардаанд. Ҳамин тавр, маҷмӯаи Имом Бухорӣ дар ҳақиқат ба сифати ёдгорие бунёд шуд, ки ба аҳамияти умумимиллӣ ва умумихалқӣ молик.

Имрӯзҳо ба ин маскан аз диёри мо, аз мамлакатҳои мусулмони ҷаҳон садҳо, ҳазорҳо, инсонҳо ба зиёрат меоянд. Онҳо хотираи Имом Бухориро ба ёд гирифта, маҷмӯаи мазкурро бо шавқи зиёд тамошо мекунанд.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо ягон ҳадисро аз ёд медонед?
2. Ба фикри Шумо, барои чӣ дар давраи сохти собиқ қадамҷои Имом Бухорӣ беназорат монда буд?
3. Аз рӯйи расмҳо мақбараи Имом Бухориро бо мақбараҳои Амир Темур ва Имом Мотурудӣ муқоиса карда бинед, дар гунбаз ва нақшҳои онҳо чӣ хел фарқ ва монандӣ ҳаст?



1



2



3

## ТИМСОЛҲОИ ВАТАНИ МО

Донишомӯзи азиз, инсон барои дақиқ ифода намудани хусусият ва аломатҳои ашёву ҳодисаҳои олам, дар ҳоли яклухт тасаввур кардани онҳо аз тимсолҳои гуногун истифода мебарад. Тимсолҳо аз рӯйи шакл, маънову мазмун аз якдигар фарқ мекунанд. Дар замонҳои қадим одамон худоҳоро ба таври худ тасаввур карда, ҳар хел ҳайкалчаҳо, бут ва санамҳоро меофариданд. Дар онҳо худоҳо гоҳ дар шакли одам ва гоҳ дар шакли фаришта тасвир ёфтаанд. Хусусан дар адабиёти бадеӣ тимсолҳо хеле бисёранд. Масалан, дар шеър, ҳикоя ё афсонаҳое, ки мо хондаем медонем, ки меҳри модар ба офтоб, духтарони зебо ба моҳ, ҷавонони мард ба шер, аспҳои саманди онҳо ба шамол ё барқ монанд карда мешавад. Ҳамаи ин, тимсолҳои бадеӣ гуфта мешавад.

*Тимсол, ин яъне мисл, ифодаи рамзии монандии ягон чиз, ки дар он маъно ва мазмун муҷассам шудааст.*

Аз сабаби арзиши бузург ва азиз буданаш Ватан ҳам тимсоли зиёд дорад. Тимсолҳои Ватан расмӣ ва ғайрирасмӣ, таърихӣ ё замонавӣ мешаванд. Рамзҳои давлатии мамлакати мо — байрақ, герб ва гимни мо тимсолҳои расмӣ. Инчунин Президент, парламент, ҳукумат, Конститутсия, забони давлатӣ, пойтахт, асъори миллии мо муҳимтарин аломатҳо, тимсолҳои давлатдории мо мебошанд.

**Маънову мазмун, мақоми тимсолҳои расмӣ дар Конститутсияи мамлакат ва қонунҳои дахлдор муқаррар мешавад. Онҳо ба сифати рамзи шаъну шараф, озодӣ ва истиқлолияти Ватани мо бо қонун ҳимоя карда мешаванд. Донистан ва эҳтиром кардан, чун гавҳараки чашм нигоҳ доштани онҳо қарзи шаҳрванд мебошад.**





Тимсолҳои Ватан халқро муттаҳид намуда, онро ба мақсадҳои ягона сафарбар намуда, ба мубориза барои манфиатҳои диёри худ дар ҳар гуна шароит даъват мекунад.

**Байрақи давлатии Ўзбекистон 18 ноябри соли 1991 қабул карда шудааст.**

Ранги гулоб дар байрақ рамзи осмони ҷовид ва оби ҳаёт аст, ки ифодаи зиндагӣ ва ҳаёт мебошад. Ранги сафед рамзи сулҳ, таҷассуми кўшишҳои олиҷаноб ва неки халқи мо аст. Ранги сабз  рамзи навшавии табиат. Он аз қадим тимсоли навқиронӣ, умед ва шодмониҳо ҳисоб мешавад. Рахҳои сурхи байрақ аломати қувваю ғайрат ва қудрат дар вуҷуди халқ мебошад. Он муборизаро дар роҳи истиқлолият ҳам ифода мекунад. Тасвири ҳилоли навқирон бо садоқати халқи мо ба анъанаҳои дини ислом вобаста буда, он ҳаёти нав, яъне истиқлолро ифода мекунад. Дувоздаҳ  ситора дар байрақ дувоздаҳ бурҷи фалакро  мефаҳмонад.

**Герби давлатии Республикаи Ўзбекистон 2 июли соли 1992 қабул карда шудааст.**

Дар тарафи чапи герб хўшаҳои гандум, дар тарафи рости он сараки пахтаи шукуфон бо тасмаи иборат аз тасвири байрақ печонида шудаанд. Дар мобайни герб водии бо нурҳои заррини Офтоб партавафшон ҷой гирифтааст, ки бо кўҳҳои дур ва дарёҳо пайваст аст. Дар қисми боло ситораи ҳаштгўша тасвир ёфтааст, ки дар шарқ онро мусаммам меноманд. Дар дохили

мусаммам ҳилол ва ситора акс ёфтаанд. Дар қисми пеши герб, дар марказ бо болҳои кушода Мурғи Ҳумо ҷой гирифтааст. Дар қисми пасти герб дар миёнаи тасма, ки ифодаи байрақи Ўзбекистон аст, навиштаҷоти «O‘zbekiston» гузошта шудааст.



*Донишомўзи азиз, дар дўкон ду футболкаи хушрўй истодааст. Дар яке аз он герби давлати мо, дар дуюмаш расми футболбози машҳури хориҷӣ. Шумо кадоме аз онро интихоб мекардед?*

**Гимни Ўзбекистон 10-уми декабри соли 1992 қабул карда шуда, матни онро Қаҳрамони Ўзбекистон Абдулло Орипов, мусиқии онро бастакор Мутаваккил Бурҳонов офаридаанд.**

Дар гимни давлати мо, ҳусни бетакрори Ватани мо, фазилатҳои олиҷанобы халқи мо, ҷовидонии истиқлолияти мо, ояндаи дурахшони мо васф карда мешавад.

**Ҳар як инсоне, ки шаҳрванди Ўзбекистон аст, бояд гимни давлатиро аз ёд донад, маънои онро чуқур дарк намояд ва онро суруда тавонад.**

Дар ҷаҳон тимсолҳои норасмӣ ҳам бисёр. Масалан, Штатҳои Муттаҳидаи Америка гуфта монументи озодиро, Франсия гуфта манораи Эйфелро, Республикаи халқии Хитой гуфта девори бузурги Хитойро, Ҳиндустон гуфта ёдгории Тоҷмаҳалро ба ёд меорем. Сухан дар бораи Ватани мо равад, аксарият шаҳрҳои кўҳнаи моро чун Самарқанд, Бухоро ва Хева, ёдгориҳои меъмории Регистон, Арк, Ҳазрати Имомро, Амударё ва Сирдарёро, алломаҳои бузурги бо номҳои Бухорӣ, Тирмизӣ, Хоразмӣ, Самарқандӣ, Тошкандӣ машҳур шудаи моро пеши назар меоранд.

Аз диёр дур истода онро ёд кунем, меваҳои шаҳду шакар, шаҳру қишлоқҳои дилрабо, одамони содда камтарини кишвари моро ба ёд мегирем. Дар тимсоли ҳамаи ин гўё Ватани аз ҷон азизи худро мебинем.

## ПАЗМОНИИ ВАТАН

Бобои мо Заҳириддин Муҳаммад Бобур, ки бо тақозои тақдир дар хоки Ҳиндустон умр ба сар бурда, дар он кишвар ба давлати пурқудрат асос гузоштааст, ҳамеша бо ёди диёр зистааст. Барои он зоти бузург ҳар чизе, ки аз диёри қадрдон оварда мешуд, онро ба хотир меовард, чун тимсоли Ватан ба назр мерасид. Худи вай менависад, ки харбузаи аз диёри мо бурдаро бӯй карда, мисли кӯдак гириста будааст. Чунки дар он лаҳза он зот бӯйи Ватанро, солҳои кӯдакии худро ба ёд меовард. Ба сӯйи Ватан давидан, болу пар баста парвоз кардан мехост. Афсӯс, ки дурии роҳ, дар диёри ҳинд бо корҳои давлат муттасил банд будани вай имкон намедод, ки ин орзуи армоншударо амалӣ кунад.

Тимсолҳои таърихии Ватан гуфта, шаҳрҳои қадима ва обидаҳоеро пеши назар меорем, ки тӯли асрҳо рамзи онҳо буданд. Тимсолҳои замонавӣ бошанд, руҳи замонро, орзу ва ниятҳои халқи моро дар айни рӯзҳо акс мекунанд. Масалан, ёдгории Минораи Калони маркази Бухорои кӯҳна дар давоми солҳои зиёд тимсоли ба худ хоси шаҳр буд. Монументи «Кӯҳна ва боқий Бухоро» бошад, ки бо ташаббуси Президенти мо соли 2010 барпо карда шуд, ба тимсоли замонавии ин замини муқаддас табдил ёфт, ки бо роҳи бадеӣ офарида шудааст.

Соҳибқирони бузург Оқсаройи мӯҳташамро дар Шаҳрисабз ба сифати тимсоли қудрати худ бунёд карда буд. Аз ин рӯ, дар пештоқи он шиори «Ҳар кас, ки ба қудрати мо шубҳа кунад, биноҳои моро бубинад» навишта шуд. Соли 1996 дар майдони ҳамҷавор бо ин обида ҳайкали Амир Темур гузошта шуд. Он ба тимсоли замонавии шаҳр табдил ёфт.

Ба қатори ёдгориҳои Шоҳи Зинда, Бибихонум, Регистон дар Самарқанд солҳои истиқлолият илова шудани маҷмӯаҳои Имом Бухорӣ, Имом Мотурудӣ ва дигар обидаҳои бисёр нишон медиҳанд, ки дар диёри мо баробари нигоҳ доштани тимсолҳои қадимӣ, ба офаридани тимсолҳои замонавӣ ҳам, ки ифодаи орзу ва кӯшишҳо, корҳои бунёдкории халқи мо мебошад, эъти-

бори калон дода мешавад. Масалан, Арки Некӣ, монументи Мустақилӣ ва Некӣ, ки дар майдони Мустақиллики Тошканд барпо шудаанд, тимсоли орзуҳои волои халқи мо мебошанд. Мо дар ҳар яки ин тимсол мисле, ки дар қатра Офтоб акс меёбад, қиёфаи мафтункори Ватани зебои моро мебинем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо тимсоли шаҳр ё қишлоқи худро дар чӣ мебинед?
2. Шумо ба меҳмонони хориҷӣ ба сифати рамзи Ўзбекистон чиро тўҳфа мекардед?
3. Гимни давлати моро сароед.
4. Аз рўйи расмҳо тимсолҳои таърихӣ ва замонавиро ҷудо кунед.


1


2


3

***Машғулияти амалӣ***

## КОНСТИТУТСИЯИ ЎЗБЕКИСТОН

Донишомўзи азиз, Конститутсияи Ўзбекистон яке аз тимсолҳои бузурги истиқлолияти Ватани мо, ҳуҷҷати асосии давлат мебошад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як ҳамватани моро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ кафолат медиҳад. Ҳамаи қонунҳои мо дар асоси Конститутсия тайёр ва тасдиқ карда, ба ҳаёт ҷорӣ карда мешаванд. Барои ҳамин Конститутсияро Қонуни асосӣ меномем.

*«Конститутсия» калимаи лотинӣ буда, маъноҳои муқаррар кардан, сохтро ифода мекунад. Имрўзҳо ба маънои ҳуҷҷате, ки ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои инсон, давлат ва ҷамъиятро ҳаматарафа ба тартиб меандозад, дорои эътибори олии юридикӣ аст, асоси дигар қонунҳо, кафолати истиқлолияти мамлакат, истифода мешавад.*

**Конститутсия аз рӯйи ҳаҷми худ калон набошад ҳам бинобар сохти сиёсӣ, ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, масъалаҳои оид ба тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои давлат ва шаҳрвандон, сохторҳои ҷамъиятро фаро гирифтанаш, асосҳои ҳуқуқии онҳоро муқаррар карданаш онро қомуси асосии ҳаёт меномем.**




Бинобар дар ҳаёт ва тараққиёти халқ, давлат ва ҷамъияти мо аҳамияти муҳим доштани Конститутсия, ҳар яки мо бояд онро чуқур омӯхта, дар ҳаёт, дар таҳсил, дар кор ба талабҳои он амал карда зиндагӣ кунем. Ин — қарзи шаҳрвандии ҳамаи мо мебошад.

Конститутсия – асоси ҳуқуқии давлат, пойдевори он. Касе, ки ин асосро гузошт, мустаҳкам кард, яъне ташаббускори асосии коркард ва такмили Конститутсияи мо Президенти мо мебошад.

**Конститутсияи Ӯзбекистон 8-уми декабри соли 1992 қабул карда шудааст.**

Ҳамин сана, ҳар сол дар мамлакати мо ба сифати рӯзи Конститутсия ид карда мешавад. Дар арафаи ин ид сардори давлати мо дар қароргоҳи Оқсарой ба ҳамватаноне, ки бо унвонҳои олӣ, орден ва медалҳои Ватани мо тақдир шудаанд, ин мукофотҳоро ба таври тантанавӣ месупорад. Чунин тадбирҳо дар шаҳри Тошканд, дар вилоятҳо ҳам шуда мегузаранд.

**Мувофиқи моддаи 13 Конститутсияи мо, «инсон, ҳаёти вай, соҳибихтиёрӣ, шаън, қадру қиммат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазири вай арзиши олӣ ҳисобида мешавад»[1].**

---

[1] Oʻzbekiston Respublikasining Konstitutsiyasi. –Т.: хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston», соли 2014, саҳ. 6.

*Фаҳмонед, ки рӯзи Конститутсия гузаронида шуданитантанаҳо ба қоидаи «инсон, ҳаёти вай, соҳибихтиёрӣ, шаън, қадру қиммат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазири вай арзиши олӣ ҳисобида мешавад» вобаста аст.*

Ҳамон рӯзҳо дар қасри анҷуманҳои «O'zbekiston»-и шаҳри Тошканд бахшида ба рӯзи Конститутсия боз як маросими калон гузаронида мешавад. Дар он, Президенти мо Ислом Каримов маърӯза карда, дар бораи беназир будани аҳамияти Конститутсия дар тараққиёти Ӯзбекистони соҳибистиқлол, комёбиҳои халқи мо дар иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар Қонуни Асосӣ гузошташуда, вазифаҳои муҳим фикрҳо баён мекунад.

Дар диёри мо аз соли 1997 инҷониб ба ҳар сол алоҳида ном дода мешавад. Аз рӯйи ҳар сол Барномаи давлатӣ қабул карда мешавад, корҳои азим амалӣ мешаванд. Асоси ҳамин корҳо, реҷа ва нишондодҳо айнан рӯзи Конститутсия муқаррар мешавад.

**Конститутсияи Ӯзбекистон аз «Муқаддима», 6 фасл, 26 боб, 128 модда ташкил ёфтааст.**

Дар Конститутсияи мо манфиат, ҳуқуқ ва озодиҳои ягон инсон, гурӯҳ ва қабати иҷтимоӣ, ки дар диёри мо зиндагӣ мекунад, аз эътибор берун намондааст. Биноан, онро ҳуҷҷати умумимиллӣ, намунаи нодири тафаккури халқ меномем, ки барои муттаҳид кардани тамоми ҷамъияти мо хизмат мекунад. Аз ҷумла, ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонони мамлакат ҳам дар Қонуни Асосӣ акси худро ёфтаанд. Чунончӣ, «Ҳар кас ҳуқуқи дониш гирифтан дорад. Таълими умумии бепул аз тарафи давлат кафолат дода мешавад» (моддаи 41), «Модар ва кӯдак аз тарафи давлат ҳифз карда мешавад» (моддаи 65) исботи он мебошанд.

**Барои шаҳрванди шуурнок шудан, ки Ватанро аз тахти дил дӯст дошта, бо садоқат ба он зиндагӣ мекунад, Конститутсияро, қонунҳои дар асоси он қабулшударо бояд хуб донем. Ин ба мо барои интихоби дурусти роҳи ҳаёт, ҳалли оқилонаи муаммоҳо ёрӣ мерасонад.**

Қонуни Асосӣ барои мо манбаи азму шуҷоат, фахру ифтихор мебошад. Ҳангоми хондани ҳар як моддаи он, аз имкониятҳои додаи вай истифода бурда, ба мақсадҳои неки худ ноил шудан, мо аз қаъри дил ҳис мекунем, ки фарзанди чӣ хел халқ ва Ватани бузург ҳастем. Ҳаракат мекунем, ки марраҳои боз ҳам баландтарро дар назар дошта зиндагӣ кунем.

***Савол ва супоришҳо:***

1. Шумо аз ҳуқуқи бепул таълим гирифтани худ чӣ хел истифода мебаред?
2. Боз кадом ҳуқуқҳои худро медонед?
3. Шумо омӯхтани Конститутсияро мехоҳед?
4. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи ҳуқуқҳои инсон, ки дар Конститутсияи мо муқаррар шудаанд, нақл кунед.


1


2


3


4

# ТАКРОР

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ӮЗБЕКИСТОН НОМ ДОРАД»

1. Ӯзбекистон дар кадом минтақа ҷойгир аст?
2. Давлати мо бо кадом мамлакатҳо ҳамсарҳад аст?
3. Майдони умумии замини Ӯзбекистон чӣ қадар аст?
4. Дар ҳудуди мамлакати мо кадом дарёҳо ҷорӣ мебошанд?
5. Ҳудуди диёри мо бо кадом кӯҳҳо иҳота шудааст?
7. Аз рӯйи расмҳо, гӯед, ки дар диёри мо заводҳои кадом автомобилҳо ҳастанд.








## ТЕСТҲО

**1. Ӯзбекистон дар кадом минтақа ҷойгир шудааст?**

А) Осиёи Ҷанубӣ
В) Осиёи Марказӣ
Б) Европаи Шарқӣ
Г) Америкаи Лотинӣ

**2. Ӯзбекистон дар ҷануби шарқ бо кадом мамлакат ҳамсарҳад аст?**

А) Бо Озарбойҷон
В) Бо Тоҷикистон
Б) Бо Федератсияи Россия
Г) Бо Туркманистон

**3. Майдони умумии давлати мо чанд километри квадратиро ташкил медиҳад?**

А) 300 ҳазор километри квадратӣ
В) 447 ҳазор километри квадратӣ
Б) 749 ҳазор километри квадратӣ
Г) 942 ҳазор километри квадратӣ

**4. Аз ҳудуди мамлакати мо кадом дарёҳои калони Осиёи Марказӣ мегузаранд?**

А) Оқдарё ва Қорадарё
Б) Қашқадарё ва Сурхондарё
В) Амударё ва Сирдарё
Г) Волга ва Днепр

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ХАЛҚИ ӮЗБЕКИСТОН»

?

1. Маънои калимаи «халқ»-ро фаҳмонед.
2. Калимаи «Ӯзбекистон» чӣ маъно дорад?
3. Оё иборaҳои «халқи ӯзбек» ва «халқи Ӯзбекистон» як хел маъноро ифода мекунанд?
4. Дар диёри мо вакилони чанд миллат зиндагӣ мекунанд?
5. Қонуни Асосӣ дар бораи халқи Ӯзбекистон чӣ мегӯяд?
6. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи яке аз халқҳои қадим будани халқи ӯзбек нақл кунед.


1


2


3

## ТЕСТҲО

**1. Халқи Ӯзбекистон гуфта киҳоро мефаҳмем?**

А) Ӯзбекҳоро
В) Сарфи назар аз миллаташ, шаҳрванди Ӯзбекистонро
Б) Намояндагони беш аз 130 халқу миллатро
Г) Аҳолии шаҳру қишлоқро

**2. Калимаи халқ кадом маъноро ифода мекунад?**

А) Маънои халоиқро
Б) Маънои аламонро
В) Маънои шаҳрвандро
Г) Маънои офаридашударо

**3. Халқи ӯзбек гуфта киҳоро мефаҳмем?**

А) Ӯзбекҳои Ӯзбекистонро
Б) Ӯзбекҳои хориҷро
В) Аҳолиеро, ки ба забони ӯзбекӣ гап мезанад
Г) Ҳамаи инсонҳои ҷаҳон, ки ба миллати ӯзбек мансуб

**4. Дар диёри мо вакилони беш аз ... халқу миллат зиндагӣ мекунанд.**

А) Беш аз 130
Б) Беш аз 100
В) Қариб 50
Г) Беш аз 200

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ДАВЛАТИ ЎЗБЕКИСТОН»

1. Дар ҳудуди кишвари мо дар қадим кадом давлатҳо буданд?
2. Соҳибқирон Амир Темур кадом шаҳрро пойтахти давлати худ эълон карда буд?
3. Амир Темур диёри моро аз кадом истилогарон озод кард?
4. Мо кай ба барқарор кардани давлатдории миллӣ сар кардем?
5. Ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ гуфта чиро мефаҳмед?
6. Ўзбекистон чӣ хел давлат аст?
7. Аз рӯйи расмҳо, дар бораи имкониятҳое, ки давлати мо фароҳам овардааст, нақл кунед.










## ТЕСТҲО

**1. Китоби қадимӣ, ки дар диёри мо офарида шудааст.**

А) «Рамаяна»
Б) «Дон Кихот»
В) «Махабхарата»
Г) «Авесто»

**2. Маънои калимаи «Ўрда»...**

А) Ҷойи миёна, марказ
Б) Шаҳр
В) Қишлоқ
Г) Хон

**3. Кадом арбоби бузурги давлатӣ Самарқандро пойтахт кардааст?**

А) Абдуллохон
Б) Ҷалолиддин Мангубердӣ
В) Амир Темур
Г) Томирис

**4. Рӯзи ба ТММ аъзо шудани Ўзбекистон**

А) 21 марти соли 1995
Б) 2 марти соли 1992
В) 1 сентябри соли 1991
Г) 2 июли соли 1992

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН»

1. Исми шарифи Президенти Ӯзбекистонро пурра гӯед.
2. Дар бораи хизматҳои таърихии сарвари давлати мо дар назди Ватан чиҳоро медонед?
3. 24-уми марти соли 1990 дар Ӯзбекистон чӣ ҷорӣ карда шуд?
4. Барои чӣ дар солҳои 80-уми асри асри гузашта вазъият дар диёри мо вазнин шуд?
5. Соли 1989 кӣ ба сифати раҳбари Ӯзбекистон кор сар кард?
6. Аз байни расмҳо китобҳои «Yuksak ma'naviyat – yengilmas kuch» ва «O'zbekiston mustaqillikka erishish ostonasida»-ро ёфта, муаллифи онҳоро гӯед.



1



2



3

### ТЕСТҲО

**1. Дар Ӯзбекистон кай идоракунии президентӣ ҷорӣ карда шуд?**

А) 31-уми августи соли 1991
Б) 18-уми декабри соли 1992
В) 24-уми марти соли1990
Г) 14-уми январи соли 1993

**2. Ислом Каримов кай ба сифати раҳбари Ӯзбекистон кор сар кард?**

А) соли 1986 Б) соли 1990 В) соли 1989 Г) соли 1991

**3. Китоби Президент Ислом Каримов дар бораи Ӯзбекистони арафаи истиқлолият чӣ ном дорад?**

А) «Юксак маънавият — енгилмас куч»
Б) «Ўзбекистон мустақилликка эришиш остонасида»
В) «Оллоҳ қалбимизда, юрагимизда»
Г) «Маънавий юксалиш йўлида»

**4. Рӯзи ёдбуди қурбониёни қатағон**

А) 9-уми май Б) 22-юми июн В) 31-уми август Г) 8-уми декабр

## САВОЛҲО АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ «ТИМСОЛҲОИ ВАТАНИ МО»

1. Шумо тимсоли дӯстдоштаи худро доред?
2. Барои аз дигарон фарқ кардан ба дафтар ё китобҳои худ чӣ хел нишона мегузоред?
3. Рамзҳои давлатии мамлакати моро номбар кунед.
4. Байрақи давлатии Ӯзбекистон кай қабул карда шудааст?
5. Герби давлат-чӣ?
6. Муаллифони матн ва мусиқии гимни давлати мо киҳо?
9. Аз рӯйи расм, дар бораи тимсолҳои Ватани мо нақл кунед.










### ТЕСТҲО

**1. Қатори рамзҳои давлатии мамлакати моро нишон диҳед.**

А) Байрақ, герб, гимни давлатӣ
Б) Дарё ва кӯлҳо
В) Кӯҳ ва адирҳо
Г) Идораҳои давлатӣ

**2. Санаи қабули байрақи давлатии Ӯзбекистонро ёбед.**

А) 1 сентябри соли 1991
Б) 8 декабри соли 1992
В) 2 июли соли 1992
Г) 18 ноябри соли 1991

**3. Герби давлатии Ӯзбекистон дар кадом сана қабул шудааст?**

А) 22 сентябри соли 1997
Б) 31 августи соли 1991
В) 18 ноябри соли 1991
Г) 2 июли соли 1992

**4. Муаллифи матни гимни давлати моро ёбед.**

А) Мутаваккил Бурҳонов
Б) Алишер Навоӣ
В) Чӯлпон
Г) Абдулло Орипов

**5. Муаллифи мусиқии гимни давлати моро нишон диҳед.**

А) Абдулло Орипов
Б) Мутаваккил Бурҳонов
В) Юнус Раҷабӣ
Г) Анор Назаров

# МУНДАРИҶА

Муқаддима............. .................................................................... 3

## *Боби якум.* ДИЁРАМ — ГАҲВОРАИ ЗАРРИНАМ

Ватан — ягона ва муқаддас ........................................................ 6
*Машғулияти амалӣ.* Майдони Мустақиллик ......................... 12
Дарки Ватан ............................................................................ 17
*Машғулияти амалӣ.* Сулҳ — неъмати бебаҳо ........................ 23
Эҳсоси Ватан .......................................................................... 27
*Машғулияти амалӣ.* Дар ин Ватани муқаддас инсон азиз...32
Оила — тимсоли Ватан ............................................................ 37
*Машғулияти амалӣ.* Чемпионҳои хурдакак ........................... 42
Муҳаббат ба Ватан .................................................................. 46
*Машғулияти амалӣ.* Соҳибқирон Амир Темур ...................... 51
Такрор.. ................................................................................... 56

## *Боби дуюм.* МОДАР-ВАТАНИ МО — ИФТИХОРИ МО

Ўзбекистон ном дорад ............................................................. 62
*Машғулияти амалӣ.* Китобхонаи миллии Ўзбекистон ......... 67
Халқи Ўзбекистон .................................................................... 71
*Машғулияти амалӣ.* Музейи Мирзо Улуғбек ........................ 75
Давлати Ўзбекистон ................................................................. 80
*Машғулияти амалӣ.* Истиқлолият — ин аввало ҳуқуқ аст .. 84
Президенти Ўзбекистон ........................................................... 88
*Машғулияти амалӣ.* Маҷмўаи ёдгории Имом Бухорӣ ......... 92
Тимсолҳои Ватани мо .............................................................. 97
*Машғулияти амалӣ.* Конститутсияи Ўзбекистон ................ 101
Такрор... ................................................................................ 105

XAYRIDDIN SULTONOV, MURTAZO QARSHIBOYEV

# VATAN TUYG‘USI

**Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 5-sinflari uchun o‘quv qo‘llanmasi**

To‘ldirilgan va qayta ishlangan 5-nashri

*(Tojik tilida)*

*Toshkent «Ma’naviyat» 2015*

Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаҳҳеҳ *А. Абдуқодиров*
Рассом *С. Соин*
Саҳифабанди компютерӣ *Ш. Соҳибов*

Литсензияи AI №189, 10.05.2011 дода шудааст. Ба чопи тарҷума 24.05.2015 имзо шуд. Андозаи 70x901/16. Гарнитураи «TimesTAD». Бо усули офсетӣ чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 8,19. Ҷузъи чопии нашрӣ 6,82. Адади нашр 7381 нусха. Супориши №15-282.

Нашриёти «Ma’naviyat». Тошканд, кўчаи 2-юми сарбастаи Тараққиёт, 2.
Шартнома № 30-15.

Дар матбааи хонаи эҷодии табъу нашри «Ўзбекистон»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон чоп шудааст. Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30. 2015.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |

**Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали боло аз тарафи роҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| | |
|---|---|
| Хуб | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
| Нағз | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гардидааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноат-бахш | Ба муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |